# МИГРАНТЫ СОВЕТУЮТ МИГРАНТАМ

# МАСЛИҲАТҲОИ МУҲОҶИРОН БА МУҲОҶИРОН

2022

# СОДЕРЖАНИЕ:


| | | |
|---|---|---|
| 1. | Предвыездная подготовка | 5 |
| 2. | Въезд в Россию | 8 |
| 3. | Миграционный учет | 10 |
| 4. | Патент | 12 |
| 5. | Оформление документов | 14 |
| 6. | Поиск работы и трудоустройство | 16 |
| 7. | Защита трудовых прав | 19 |
| 8. | Взаимодействие с полицией | 22 |
| 9. | Жилье | 24 |
| 10. | Сложные ситуации | 26 |
| 11. | Здоровье и медицина | 27 |
| 12. | Рождение ребенка в России | 29 |
| 13. | Образование для детей | 31 |
| 14. | Разрешение на временное проживание (РВП) | 33 |
| 15. | Гражданство РФ | 35 |
| 16. | Взаимодействие с местным населением | 36 |
| 17. | Культура и досуг | 38 |

# МУНДАРИҶА


| | | |
|---|---|---|
| 1. | Тайёрӣ пеш аз сафар | 5 |
| 2. | Вуруд ба Россия | 8 |
| 3. | Бақайдгирии муҳоҷират | 10 |
| 4. | Патент | 12 |
| 5. | Тайёр кардани ҳуҷҷатҳо | 14 |
| 6. | Ҷустуҷӯи кор ва оғози кор | 16 |
| 7. | Ҳимояи ҳуқуқҳои меҳнатӣ | 19 |
| 8. | Муошират бо политсия | 22 |
| 9. | Манзил | 24 |
| 10. | Ҳолатҳои мураккаб | 26 |
| 11. | Саломатӣ ва тиб | 27 |
| 12. | Тавллуди кӯдак дар Россия | 29 |
| 13. | Таҳсилоти кӯдакон | 31 |
| 14. | Иҷозати истиқомати муваққатӣ (РВП) | 33 |
| 15. | Шаҳрвандии ФР | 35 |
| 16. | Ҳамкорӣ бо аҳолии маҳаллӣ | 36 |
| 17. | Фарҳанг ва фароғат | 38 |

# ДОРОГИЕ ДРУЗЬЯ!

Дорогие друзья!

Перед вами очередной выпуск сборника «Мигранты советуют мигрантам». Готовя этот сборник, мы попросили работающих в России иностранных граждан поделиться своим опытом, дать рекомендации тем, кто приехал недавно или только планирует отправиться в трудовую миграцию.

Здесь вы найдете советы по самому широкому кругу тем: от миграционного учета и трудоустройства до взаимодействия с полицией и местным населением.

Каждый блок советов снабжен комментариями эксперта, информацией о российском законодательстве, контактами.

Мы надеемся, что сборник будет для вас полезным.

Желаем вам только положительного опыта!

Дӯстони азиз!

Дар дасти шумо нашри навбатии маҷмӯаи «Маслиҳатҳои муҳоҷирон ба муҳоҷирон” истодааст. Ҳангоми омода кардани ин маҷмӯа мо аз шаҳрвандони хориҷӣ, ки дар Россия кор мекунанд, хоҳиш кардем, ки аз таҷрибаи худ нақл кунанд, ба ононе, ки нав омадаанд ё нияти ба муҳоҷират омадан доранд, тавсияҳо диҳанд.

Шумо дар ин ҷо маслиҳатҳоро оид ба доираи хеле васеъи мавзӯҳо: аз бақайдгирии муҳоҷират ва қабул ба кор сар карда, то муошират бо политсия ва аҳолии маҳаллиро ёфта метавонед.

Ҳар бахши маслиҳатҳо дорои шарҳи коршинос, маълумот дар бораи қонунгузории Россия, робитаҳо мебошад.

Мо умед дорем, ки ин маҷмӯъа барои шумо муфид хоҳад буд.

Ба ҳамаи шумо танҳо таҷрибаи мусбат таманно мекунем!

RU

# ПРЕДВЫЕЗДНАЯ ПОДГОТОВКА

Самое главное - я это никогда не устану повторять – учите русский язык! Чем лучше вы его знаете, тем лучше будет для вас. Без русского языка вас может ждать обман, куча проблем и даже рабство. И даже позвать на помощь не сможете без знания языка (Бахтиер).

Если вас зовут на работу в Россию какие-то знакомые, не надо сразу бросаться ехать. Поговорите заранее с работодателем по телефону. Узнайте все подробности и узнайте получше, что это за организация, чем занимается. Почитайте в интернете про миграционные законы, что вам нужно будет делать. Это все хорошо узнать заранее, пока вы дома. Так бывает, что приезжают люди в Россию, потому что им кто-то пообещал работу, деньги, а оказываются на улице. Не едьте в пустоту, не едьте без денег, не едьте без знаний (Ислом).

Всегда лучше рассчитывайте на себя. Не думайте так: с жильем мне Азиз поможет, а с работой Жасур, а с деньгами Бахтиер. Представьте заранее самую плохую ситуацию: с этим не получилось, там не вышло, и здесь не срослось. Что будете делать? (Карим).

Короткий совет. Думайте своей головой! Не ждите, чтобы кто-то за вас думал. Не надейтесь, что кто-то за вас решит проблемы и придумает, что делать. Много проблем случается, когда человек хочет по-простому, по-быстрому, чтобы самому не думать и не делать, не читать и не узнавать. Так не получится (Нурлан).

Подумайте до отъезда хорошо, зачем вам ехать в миграцию. Расскажу историю. Молодой парень учился в Узбекистане в университете. Бросил на втором курсе, поехал в Россию. Потому что все едут на заработки, и это уже модно. Купил документы у посредников и работал нелегалом на строительных работах. Его поймали и посадили в ЦВСИГ. Я не знаю, что с ним сейчас. Конечно, его отправят домой и закроют въезд. Денег не заработал, в долги попал, время потерял. Может, ему лучше было учиться и получать образование? Я не отговариваю ехать, это каждый решает сам. Просто иногда люди едут и делают себе только хуже (Зилола).

С собой нужно брать деньги. Минимально 45-50 тысяч рублей. Это чтобы все документы оформить, за жилье заплатить и на первое время проезд и еда (Юлдуз).

Общий такой совет хочу дать тем, кто хочет приехать в Россию на заработки. Не надо верить

TJ

# ТАЙЁРӢ ПЕШ АЗ САФАР

Аз ҳама асосӣ - ман доимо таъкид мекунам – забони русиро бояд омӯзед! Ҳар қадар ин забонро омӯзед, барои худатон беҳтар хоҳад буд. Бе донистани забони русӣ Шумо дучори фиребу найранг, мушкилоти бешумор ва ҳатто ғуломӣ хоҳед шуд. Ва ҳатто бе донистани забон аз касе ёрӣ талабидан ҳам наметавонед (Бахтиёр).

Агар шуморо ягон нафар аз шиносҳоятон барои кор ба Россия даъват кунанд, саросема нашавед, зуд рахти сафар набандед. Пешакӣ бо кордиҳанда суҳбати телефонӣ кунед. Муфассал ҳамаи шароитро фаҳмед ва чӣ будани ташкилоту ба чӣ кор машғул шуданашро пурра фаҳмед. Аз интернет дар бораи қонунгузории муҳоҷират маълумот гиред ва чӣ кор карданатонро донед. Ҳамаи инро пешакӣ, ҳоло, ки дар хона ҳастед, донистан беҳтар аст. Ин тавр ҳам мешавад, ки одамон бо он сабаб, ки касе ба онҳо ҷои кор ва пул ваъда кардааст, ба Россия меоянду баъд дар кӯча мемонанд. Гумроҳона, бе пул ва бе дониш наоед, наоед (Ислом).

Доимо ба худ такя кунед. Чунин фикр накунед: дар гирифтани манзил ба ман Азиз ёрдам мекунад, ҷои корро Ҷасур меёбад, пулро Бахтиёр медиҳад. Пешакӣ худро ба ҳолати бадтарин омода кунед: ин натавонист, он кор наёфт, сеюм пул надошт. Худ чӣ бояд кунед? (Карим).

Маслиҳати хурдакак. Фақат бо каллаи худ фикр кунед! Интизор нашавед, ки ягон каси дигар ба ҷои шумо фикр мекунад. Умедвор нашавед, ки каси дигар роҳи ҳалли мушкилотро ба ҷои шумо меёбад. Аксари мушкилот он вақт пайдо мешаванд, ки худи инсон мехоҳад, ки онҳо осону зуд ҳал карда шаванд, танҳо худаш фикр наронад, амал накунад, нахонад ва надонад, бас. Ин тавр намешавад (Нурлан).

Пеш аз сафар нағз фикр кунед, ки барои чӣ ба муҳоҷират меравед. Як қисса мегӯям. Ҷавоне дар Ӯзбекистон, дар донишгоҳ таҳсил мекард. Дар соли дуюм таҳсилро тарк карда, ба Россия рафт. Танҳо ба он хотир, ки ҳоло ҳама ба мардикорӣ мераванд, ин мӯд шудааст. Аз миёнравҳо ҳуҷҷат харида, дар сохтмонҳо ғайрирасмӣ кор мекард. Ӯро дастгир ва ба ЦВСИГ (маркази боздошти шаҳрвандони хориҷӣ) ҷой карданд. Алҳол ман намедонам, ки оқибати кори ӯ чӣ шуд. Албатта, ӯро ба хона мефиристанд ва воруди минбаъдаашро манъ мекунанд. Пул наёфт, ба қарз ғӯтид, вақташро талаф дод. Шояд барои ӯ давом додани таҳсил ва гирифтани маълумот беҳтар буд? Ман намегӯям, ки наоед, ин тасмими худи ҳар шахс аст. Фақат баъзан одамон меоянду ҳолашон бад мешавад (Зилола).

Бо худ бояд пул гирифт. Камаш 45-50 ҳазор рубл (барои ба Петербург, Москва омадан). Ин барои омода

своим знакомым, которые расписывают красивую и богатую жизнь в России и что у них все, как в сказке. Часто бывает, что человек просто хвастается своим успехом. И не рассказывает о разных трудностях и проблемах, которых здесь тоже много. Я уже 5 лет в России и хочу сказать, что быть мигрантом в России – непросто. Надо хорошо знать язык, надо знать миграционные правила, надо знать свои трудовые права, и самое главное - надо оформлять и продлевать документы и соблюдать сроки, даже один день нельзя просрочить. Я знаю людей, которые получили запрет на въезд, которые не заработали денег, а еще и в долгах остались, которым зарплаты не выплатили и прочее. В целом хочу сказать, что нужно очень серьезно отнестись к тому, чтобы ехать в Россию на заработки (Асрор).

Почитайте в интернете статьи и соцсети, как обманывают мигрантов, какие есть мошенничества, чтобы на чужих ошибках учиться, а не на своих (Самир).

Если у вас нет никакой профессии, никакого образования, я бы советовал не ехать в Россию. Люди без умений и профессии здесь мало зарабатывают. То, что заработаете, отдадите за патент, жилье, еду, проезд, и ничего не скопите и семье не отправите. Поэтому подумайте заранее, что вы умеете делать, кем сможете работать, посмотрите на сайтах, какая зарплата у этих профессий. Например, вы водитель – это уже хорошо. Лучше, если у вас будут права из своей страны, вы поменяете их на российские. А если нет прав, то придется здесь в автошколе учиться (Латифджон).

Хорошо, если еще дома заранее вы узнаете все шаги, которые нужно будет пройти в России. Все ваши действия, которые нужно сделать. Все документы, которые надо оформить. Чтобы не было такого, что все будете узнавать уже в России. Узнайте все как можно подробнее, пока вы дома. Тогда здесь вам будет проще. Я еще не встречала человека, который не сказал бы – надо было лучше готовиться к миграции. И я еще не встречала человека, который плохо знает русский язык и не пожалел об этом, когда приехал в Россию (Захина).

## КОММЕНТАРИЙ ЭКСПЕРТА

Трудовая миграция – это серьезный шаг, и для того чтобы не пожалеть о принятом решении, важно к ней хорошо подготовиться. Определитесь, для чего и с какой целью вы едете в Россию. Взвесьте все плюсы и минусы трудовой миграции.



кардани ҳуҷҷатҳо, пардохти иҷораи манзил, роҳкиро ва хӯрок дар давраҳои аввал басанда аст (Юлдуз).

Мехоҳам ба ононе, ки ба Россия ба кор омаданӣ ҳастанд, як маслиҳати умумӣ диҳам. Ба он шиносони худ, ки зиндагиро дар Россия хушу серу пур ва афсонавӣ таъриф мекунанд, бовар накунед. Аксар вақт инсон аз комёбиҳои худ лоф мезанад. Аммо дар бораи сахтиҳову душвориҳо, ки дар ин ҷо ҳам кам нестанд, сухан гуфтан намехоҳанд. Ман 5 сол дар Россия ҳастам ва гуфтан мехоҳам, ки муҳоҷир будан дар Россия осон нест. Забонро нағз донистан, аз қоидаҳои муҳоҷират огоҳ будан, ҳуқуқҳои меҳнатии худро фаҳмидан ва аз ҳама асосӣ – ҳуҷҷатҳои худро сари вақт тайёр кардану дароз намудан ва муҳлатро риоя кардан, ҳатто як рӯз ҳам бошад, аз муҳлат қафо намондан зарур аст. Ман одамонеро медонам, ки манъи вуруд гирифтанд, пули корашонро гирифта натавонистанд, зери бори қарз монданд ва ғайра. Умуман гуфтан мехоҳам, ки барои ба Россия рафтану ризқ пайдо кардан хеле муносибати ҷиддӣ бояд кард (Асрор).

Дар интернет ва шабакаҳои иҷтимоӣ оид ба тарзҳои фиреби муҳоҷирон мақолаҳо хонед, аз иштибоҳҳои дигарон сабақ гиред, на аз хатоҳои худ (Самир).

Агар шумо ягон касбу ҳунар, маълумот надошта бошед, маслиҳат медиҳам, ки ба Россия наравед. Одамони бе ҳунару касб дар ин ҷо маоши ночиз мегиранд. Пулҳои ёфтаатон ба пардохти патент, иҷораи манзил, хӯрок, роҳкиро сарф мешаванд, чизе ҷамъ карда, ба хона фиристонда наметавонед. Бинобар ин пешакӣ фикр кунед, ки чӣ ҳунарҳо доред, чӣ кор карда метавонед, аз сайтҳо маълумот гиред, ки музди меҳнати ин касбҳо чанд аст. Масалан, Шумо ронанда ҳастед ва ин хуб аст. Беҳтар аст, ки шумо дар кишвари худ шаҳодатномаи ҳуқуқи ронандагӣ дошта бошед, ки онро ба шаҳодатномаи россиягӣ иваз карда метавонед. Агар шаҳодатномаи ҳуқуқи ронандагӣ надошта бошед, он гоҳ дар мактаби ронандагии ин ҷо хондан лозим меояд (Латифҷон).

Хуб аст, ки шумо ҳанӯз дар хона, пешакӣ ҳар қадами баъдан дар Россия мегузоштаи худро донед. Ҳамаи амалҳои иҷро мекардаи худро. Ҳамаи ҳуҷҷатҳоеро, ки бояд тайёр кард. Набояд, ки ҳамаи инро баъдан дар Россия фаҳмед. Ҳамаи инро ҳарчӣ муфассалтар ҳоло, ки дар хона ҳастед, донед. Он гоҳ дар ин ҷо бароятон осон мешавад. Ман ҳанӯз одамеро во нахӯрдаам, ки нагуфта бошад – беҳтар аст, ки ба муҳоҷират пешакӣ тайёрӣ бояд дид. Инчунин одамеро надидаам, ки забони русиро нағз надонад ва баъди ба Россия омадан афсӯс нахӯрда бошад (Захина).

## ШАРҲИ КОРШИНОС

Муҳоҷирати меҳнатӣ икдоми хеле ҷиддӣ аст ва барои он, ки баъдан аз ин қароратон пушаймон нашавед, муҳим

Не принимайте решение, хорошо не подумав. Не откликайтесь сразу на внезапные приглашения от знакомых. Отнеситесь с недоверием к заманчивым предложениям, которые сулят большие деньги без особых хлопот.

Избегайте посредников и вербовщиков, пользуйтесь официальной информацией – в трудовую миграцию в РФ вполне можно отправиться самостоятельно, а целиком полагаться на посредников, обещающих решить за вас все проблемы, может быть опасно – есть риск оказаться жертвой торговли людьми либо переплатить за бесплатные государственные услуги.

Приведите в порядок свои дела - не оставляйте дома долгов и важных нерешенных юридических вопросов, а также постарайтесь обеспечить свою семью некоторой финансовой «подушкой безопасности»: ваше долгое отсутствие не должно быть проблемой для родных и близких.

До выезда постарайтесь найти работодателя и договоритесь с ним о легальном трудоустройстве - официальные предложения от работодателей во всех регионах России можно найти на сайте trudvsem.ru – это общероссийская база вакансий Министерства труда и занятости Российской Федерации.

Кроме того, в разных регионах РФ действуют различные программы поддержки организованного набора мигрантов. Будьте на связи с принимающей стороной – российским или иностранным гражданином, проживающим в РФ, или работодателем, предоставляющим жилое помещение. Принимающая сторона должна поставить вас на миграционный учет и обеспечить жильем – и вам, и вашим близким лучше знать заранее, к кому вы едете и где будете жить.

Улучшайте свое знание русского языка - вам нужно владеть русским языком на уровне, достаточном для самостоятельного общения с местными жителями, работодателем, сотрудниками органов государственной власти. Без знания языка в России очень сложно будет искать работу, арендовать жилье, организовывать жизнь и обращаться за помощью.

Проверьте, не запрещен ли Вам въезд в Россию – для этого нужно воспользоваться официальным сервисом МВД России: http://сервисы.гувм.мвд.рф/infoservice.htm?sid=3000. Если Вы ранее пользовались услугами посредников в процессе оформления на работу, вполне возможно, что Вам сделали фальшивые документы, и Вы можете попасть под действие запрета.

Постарайтесь как можно больше узнать о работе в России, о российском миграционном законодательстве, о процедурах, которые предстоит пройти. Почитайте в интернете, что пишут мигранты



аст, ки ба он нағз тайёрӣ бинед. Муайян кунед, ки барои чӣ ва бо кадом мақсад ба Россия меравед. Ҳамаи ҷиҳатҳои мусбат ва манфии муҳоҷирати меҳнатиро бар кашед.

Дуруст фикр накарда, ба қароре наоед. Зуд пешниҳоди ногаҳонии шиносҳоятонро қабул накунед. Ба пешниҳодҳои шубҳаноке, ки пули калони бе ташвиш ваъда мекунанд, бо нобоварӣ муносибат кунед.

Аз миёнравон ва гумоштагон дур бошед, аз маълумотҳои расмӣ истифода баред – ба муҳоҷирати меҳнатӣ ба Россия тамоман мустақилона ҳам рафтан мумкин аст, аммо комилан ба миёнравон бовар кардан, ки ба ҷои шумо ҳал кардани ҳамаи мушкилотро ваъда медиҳанд, ҳатто хатарнок мебошад – хавфи қурбонии савдои одамон шудан, ё барои хизматҳои бепули давлатӣ пул додан мавҷуд аст.

Корҳои худро ба тартиб дароред – дар хона қарз ё масъалаҳои муҳими ҳалношудаи ҳуқуқиро боқӣ нагузоред, инчунин кӯшиш кунед, ки оилаи худро бо “болишти бехатарӣ”-и молиявӣ таъмин кунед:ба мӯҳлати дароз набудани шумо набояд сабаби мушкилоти хешовандону наздиконатон гардад.

То ба сафар баромадан кӯшиш кунед, ки кордиҳанда пайдо намоед ва бо ӯ дар масъалаи кори расмӣ гуфтушунид кунед – пешниҳодҳои расмии кордиҳандагонро дар ҳамаи минтақаҳои Россия дар сайти trudvsem.ru ёфтан мумкин аст – ин хазинаи умумироссиягии ҷойҳои холии кор (вакансия)-ҳои Вазорати меҳнат ва шуғли Федератсияи Россия мебошад.

Ғайр аз ин дар минтақаҳои гуногуни ФР барномаҳои мухталифи дастгирии интихоби муташаккилонаи муҳоҷирон амал мекунанд. Бо ҷониби қабулкунанда – шаҳрванди Россия ё шаҳрванди хориҷӣ, ки дар ФР истиқомат мекунад, ё кордиҳандае, ки манзили истиқоматӣ пешниҳод мекунад, доим дар тамос бошед. Ҷониби қабулкунанда бояд шуморо дар ҳисоби муҳоҷират сабти ном ва бо манзили истиқомат таъмин кунад – шумо ва наздикони шуморо зарур аст, ки пешакӣ ба назди кӣ рафтан ва дар куҷо истиқомат кардани худро донед.

Забони русиро беҳтар азхуд кунед – бояд забони русиро дар сатҳе донед, ки барои муошират мустақилона бо аҳолии маҳаллӣ, кордиҳанда, кормандони мақомоти ҳокимияти давлатӣ кофӣ бошад. Бе донистани забони русӣ дар Россия кор ёфтан, манзил ба иҷора гирифтан, ташкил кардани рӯзгор ва ёрӣ талабидан хеле душвор мешавад.

Тафтиш кунед, ки вуруди шумо ба Россия манъ нашуда бошад – барои ин аз сайти расмии ВКД Россия истифода баред: http://сервисы.гувм. мвд.рф/info-service.htm?sid=3000. Агар Шумо пештар ҳангоми тайёр кардани ҳуҷҷатҳо аз хизмати миёнравҳо истифода бурда бошед, эҳтимоли қавӣ ҳаст, ки бароятон ҳуҷҷатҳои қалбакӣ дода бошанд ва вурудатон ба Россия манъ шуда бошад.

Кӯшиш кунед, дар бораи кор дар Россия, қонунгузории муҳоҷирати Россия, дар бораи тартиботе,

RU

о своем опыте в России. Для полноты картины изучите не только положительные, но и негативные отзывы. Определившись с тем, в какой регион вы едете, постарайтесь побольше о нем узнать. Климат, транспорт, цены, вакансии – чем больше вы узнаете заранее, тем меньше будет неприятных неожиданностей на месте.

Узнайте контакты государственных и общественных организаций, которые могут помочь в России - это могут быть государственные органы РФ, а также представительства Вашей страны: консульские учреждения или представительства миграционной службы. Хорошо также знать общественные организации, которые помогают мигрантам в регионах России – они оказывают квалифицированную и бесплатную правовую помощь. Изучите российское миграционное законодательство, уделите особое внимание ответственности за его нарушение.

TJ

ки бояд гузаред, ҳарчӣ бештар маълумот пайдо кунед. Дар интернет навиштаҳои муҳоҷиронро оид ба таҷрибаҳояшон дар Россия хонед. Барои пурра шудани тасаввурот натанҳо таҷрибаҳои мусбат, инчунин таҷрибаҳои манфиро ҳам омӯзед. Минтақаи муҳоҷиратро муайян карда, кӯшиш кунед, ки дар бораи он маълумоти бештар пайдо намоед. Иқлим, нақлиёт, нархи наво, ҷойҳои холии кор – пешакӣ ҳарчӣ бештар донед, баъди омадан коратон осонтар мешавад.

Суроғаи ташкилотҳои давлатӣ ва ҷамъиятиеро, ки дар Россия ёрӣ расонда метавонанд – инҳо мақомоти давлатии ФР, намояндагиҳои кишвари Шумо метавонанд бошанд: муассисаҳои консулӣ ё намояндагиҳои хадамоти муҳоҷират. Донистани ташкилотҳои ҷамъиятие, ки ба муҳоҷирон дар минтақаҳои Россия ёрӣ мерасонанд, хуб аст – онҳо ба расонидани ёриҳои бепули касбии ҳуқуқӣ машғул мебошанд. Қонунгузории муҳоҷирати Россияро ҷиддан омӯзед, ба ҷавобгарӣ барои риоя накардани талаботи он диққати махсус диҳед.

## ВЪЕЗД В РОССИЮ

Если вы приехали работать, надо, чтобы обязательно в миграционной карте была цель – работа. Если у вас будет какая-то другая цель, вы не сможете оформить патент на работу. Я слышала несколько раз такие истории, что у людей были ошибки в миграционной карте (Ирина).

Из-за закрытых границ люди сейчас не могут вернуться в Россию работать. Например, уехали в начале года, а потом закрыли границы, и им не вернуться. Некоторые пытаются обходной въезд придумать, например, через другую страну, я знаю, некоторые земляки через Турцию собирались. Или сказать, что у них по медицине поездка. Это не работает. Неважно, через какую страну едете, если ехать нельзя, то развернут обратно. И если по выдуманному поводу приехали, работать не сможете, не дадут патент. Надо дождаться открытия границ, другого решения нет (Шавкат).

Хочу сказать мигрантам, что запрет на въезд, бывает, выносят ошибочно. И важно обжаловать его вовремя – в течение трех месяцев после вынесения (Рахматулло).

Если вам запретили въезд в Россию, и вы знаете, что это было законно, что вы нарушили закон, не платите деньги юристам, которые будут обещать, что его можно снять. Есть юристы, которые говорят, что в любых ситуациях помогают, главное – деньги заплати. Но это неправда. Если вы нарушили миграционные правила,

## ВУРУД БА РОССИЯ

Агар Шумо бо мақсади кор кардан омада бошед, зарур аст, ки ҳатман дар корти муҳоҷират мақсади муҳоҷират кор сабт шуда бошад. Агар мақсади омадани Шумо дигар бошад, Шумо патент гирифта наметавонед. Ман чанд қиссаро шунидаам, ки дар корти муҳоҷирати одамон хатоҳо будаанд. (Ирина).

Аз сабаби баста будани сарҳадҳо одамон алҳол барои кор ба Россия баргашта наметавонанд. Масалан, дар аввали сол рафта буданд, баъдан сарҳадҳо баста шуданд ва акнун омада наметавонанд. Баъзеҳо кӯшиш мекунанд, ки бо роҳҳои дигар, масалан, ба воситаи кишварҳои дигар оянд, ман шунидаам, ки баъзе ҳамшаҳриён ба воситаи Туркия омаданӣ шудаанд. Ё мегӯянд, ки барои табобат меоянд. Ин ҳилаҳо ба кор намеоянд. Муҳим нест, ки ба воситаи кадом кишвар меояд, агар омадан манъ бошад, Шуморо бармегардонанд. Агар бо мақсади бофтаю сохта омадед, кор карда наметавонед, зеро патент намедиҳанд. Фақат кушода шудани сарҳадҳоро интизор бояд шуд, дигар роҳи ҳал нест (Шавкат).

Ба муҳоҷирон гуфтанӣ ҳастам, ки баъзан вурудро иштибоҳан манъ мекунанд. Ва муҳим аст, ки аз болои он сари вақт шикоят бурд – дар тӯли се моҳи баъди баровардани қарор (Раҳматулло).

Агар вуруди Шуморо ба Россия манъ карданд ва Шумо медонед, ки он қонунӣ асту ҳуқуқвайронӣ кардаед, ба ҳуқуқшиносоне, ки ваъда медиҳанд, онро бекор кардан мумкин аст, пул надиҳед. Ҳуқуқшиносоне

попали в черный список, и у вас нет никаких оправданий, то это нельзя снять ни за какие деньги. Нужно просто ждать, когда закончится срок (Шухрат).

В миграционной карте у вашего ребенка должна быть цель въезда – частная, не надо указывать работа, если у вас самого рабочая цель (Юлдуз).

## КОММЕНТАРИЙ ЭКСПЕРТА

Уточните заранее, какие документы вам понадобятся для въезда в Россию. Проверьте, не закрыт ли вам въезд. Такое возможно, например, если у вас были в прошлом нарушения миграционного законодательства или административные правонарушения. Проверить наличие запрета на въезд можно на сайте МВД (http://сервисы.гувм.мвд.рф/info-service.htm?sid=3000) Вы не должны иметь ограничений на выезд из своей страны: такими ограничениями могут быть решения суда, долги, неоплаченные штрафы. При въезде нужно иметь действующий заграничный паспорт: желательно чтобы паспорт был действующим в течение всего планируемого срока пребывания в РФ Вы не должны иметь непогашенной судимости за совершение умышленного преступления. У вас не должно быть общественно опасного заболевания (в том числе ВИЧ-инфекции, туберкулеза, инфекций, передающихся половым путем, а также коронавируса COVID-19) - в случае наличия такого заболевания нельзя будет пройти медицинское освидетельствование на получение патента на работу, соответственно, нельзя будет легально трудоустроиться в РФ;

Прежде чем приобретать билеты, узнайте, какой режим въезда в РФ, каким категориям он разрешен. Во время ограничений, связанных с пандемией, въезд в Россию был ограничен. Узнать о порядке въезда в РФ в период пандемии можно на сайте пограничной службы ФСБ РФ (http://ps.fsb.ru/general/info/covid.htm). Не следует въезжать под выдуманными предлогами, если планируете трудоустройство. Вы не сможете официально трудоустроиться, если окажется, что цель вашего визита была частная или медицинская.

Если вы едете к знакомым, на учебу, и знаете, что работать не будете – отмечайте цель въезда «учеба». Детям, не достигшим 18 лет, цель визита указывается частная. При въезде в Россию вам необходимо иметь действующий паспорт и полис медицинского страхования, для визовых государств дополнительно требуется виза. Помните, что без



ҳастанд, ки мегӯянд дар ҳама ҳолат ёрӣ мерасонанд, пул диҳед, шуд. Аммо ин дурӯғ аст. Агар Шумо қоидаҳои муҳоҷиратро вайрон кардед, дар рӯйхати сиёҳ афтодед ва ягон сабаби ҳаққонӣ надоред, манъи вуруд бо ҳеҷ маблағе бардошта намешавад. Танҳо сабр бояд кард, муҳлат ба охир расад (Шуҳрат).

Дар корти муҳоҷирати фарзанди Шумо бояд мақсади вуруд хусусӣ навишта шавад, кор навиштан лозим нест, агар мақсади худи Шумо кор бошад (Юлдуз).

## ШАРҲИ КОРШИНОС

Пешакӣ аниқ кунед, ки барои рафтан ба Россия кадом ҳуҷҷатҳо даркор мешаванд. Тафтиш кунед, ки рафтанатон манъ нашуда бошед. Чунин шуданаш мумкин аст, агар Шумо дар гузашта қонунгузории муҳоҷиратро вайрон карда ё ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ дошта бошед. Манъи вурудро дар сайти ВКД тафтиш кардан мумкин аст (http://сервисы.гувм. мвд. рф/info-service.htm?sid=3000) Шумо бояд манъи хориҷ шудан аз кишвари худро надошта бошед: метавонанд барои рафтанатон монеъ шаванд. Ҳангоми сафар бояд шиносномаи амалкунандаи хориҷӣ дошта бошед: беҳтар он, ки шиноснома дар тамоми муҳлати ба нақша гирифтаи сафаратон ба ФР амал кунад. Шумо бояд доғи судии сафеднашуда барои содир кардани ҷинояти барқасдона надошта бошед. Шумо бояд мубталои касалиҳои барои ҷамъият хатарнок (аз ҷумла, сирояти ВИЧ, сил, касалиҳои сироятии олоти таносул, инчунин коронавируси COVID-19) набошед – дар ҳолати доштани чунин бемориҳо Шумо аз муоинаи тиббӣ барои гирифтани патент гузашта наметавонед ва мутаносибан дар ФР ба таври расмӣ кор карда наметавонед.

Пеш аз гирифтани билет аз режими сафар ба ФР маълумот пайдо кунед ва огоҳ шавед, ки ба кадом категорияи одамон иҷозати сафар ҳаст. Ҳангоми маҳдудиятҳои вобаста ба пандемия вуруд ба Россия маҳдуд карда шуд. Дар бораи тартиби ворид шудан ба ФР дар давраи пандемия аз сайти пограничной службы ФСБ РФ (http://ps.fsb.ru/general/info/covid. htm) маълумот гирифтан мумкин аст. Ҳеҷ гоҳ бо мақсадҳои бофтаю сохта ба сафар набароед, агар мақсади асосиатон кор бошад. Агар мақсади Шумо хусусӣ ё табобат бошад, Шумо ба таври расмӣ кор карда наметавонед.

Агар Шумо ба дидори шиносҳо, ба таҳсил рафтанӣ бошед ва медонед, ки кор намекунед, мақсади сафарро "таҳсил" сабт кунед. Барои бачаҳои ба синни 18-солагӣ нарасида мақсади сафар хусусӣ сабт карда шавад. Ҳангоми вуруд ба Россия Шумо бояд шиносномаи амалкунанда ва полиси суғуртаи тиббӣ дошта бошед,

полиса вас могут не пустить в страну. Ваша страна обязана защищать права своих граждан, находящихся за рубежом – для этого рекомендуем вам встать на консульский учет по месту пребывания в РФ. Знайте российское законодательство и основные правила в сфере миграции и трудовых отношений: так, граждане стран СНГ могут находиться в РФ без оформления патента на работу не больше 90 дней за 6 месяцев. За 6 месяцев вы можете несколько раз приехать в Россию, но общее время Вашего нахождения в России должно быть не больше 90 дней. Иностранный гражданин, приезжающий в РФ работать, обязательно должен указывать в миграционной карте цель визита – «работа». Без указания такой цели визита нельзя будет трудоустроиться в России официально.

## МИГРАЦИОННЫЙ УЧЕТ

Когда вы приехали, в течение 7 дней надо встать на миграционный учет (хотя другим странам - кому-то 15 дней, кому-то 30). Эти 7 дней считаются с момента, когда вы пересекли границу России, а не с того момента, когда вы оказались на месте, где собираетесь жить. Если вы прилетели в Москву, например, остановились у знакомых на несколько дней, а потом поедете в другой город, то эти дни у вас проходят. То же самое, если по земле едете - границу пересекли, отсчет дней пошел (Бахтиер).

Продлевать миграционный учет нужно до окончания его срока. Нельзя так, срок закончился, и ты в следующие дни пошел продлить. Если работаешь по патенту – продлеваешь на тот срок, в который действует патент. Следите за сроками! Из-за пропущенных сроков люди часто становятся нелегальными и начинаются все их проблемы (Юлдуз)

Многие не знают: регистрация в одном месте, а живешь в другом. Это нарушение. Если обнаружат – то могут депортировать (Зоир).

Продлевайте миграционный учет до окончания его срока, за неделю, например. Вообще никогда не тяните до последнего с документами (Гульнара).

Конечно, не всегда есть деньги, чтобы наперед оплачивать патент. Но зато не надо продлевать каждый месяц миграционный учет. Если вы оплатили на три месяца патент, то у вас на три месяца учет, если на год оплатили – то год можно жить спокойно (Рахматулло).



барои кишварҳои бо раводид иловатан раводид талаб карда мешавад. Фаромӯш накунед, ки бе полис метавонанд Шуморо ба кишвар роҳ надиҳанд. Кишвари Шумо уҳдадор аст, ки ҳуқуқҳои шаҳрвандони худро дар хориҷа ҳимоя кунад – барои ин тавсия медиҳем, ки дар қайди консулии ҷои истиқомати худ дар ФР сабти ном кунед. Қонунгузории Россия ва қоидаҳои асосии соҳаи муҳоҷират ва муносибатҳои меҳнатиро донед: чунончӣ, шаҳрвандони СНГ (ИДМ) метавонанд дар ФР бе гирифтани патент на бештар аз 90 рӯз дар 6 моҳ истиқомат кунанд. Дар 6 моҳ Шумо метавонед чанд бор ба Россия оед, аммо вақти умумии дар Россия истоданатон набояд аз 90 рӯз зиёд бошад. Шаҳрванди хориҷӣ, ки ба Россия бо мақсади кор омадааст, ҳатман дар корти муҳоҷират бояд мақсадашро кор сабт кунад. Бе нишон додани чунин мақсади сафар ӯ наметавонад дар Россия расман ба кор машғул шавад.

## БАҚАЙДГИРИИ МУҲОҶИРАТ

Вақте ба Россия омадед, дар муддати 7 рӯз бояд аз қайди муҳоҷират гузаред (барои шаҳрвандони баъзе кишварҳо 15 рӯз, барои баъзеи дигар ин муҳлат 30 рӯз аст). Ин 7 рӯз аз лаҳзае сар мешавад, ки сарҳади Россияро убур кардед, на аз он лаҳзае, ки Шумо ба ҷое омадед, ки зиндагӣ карданиед. Агар шумо ба Москва бо ҳавопаймо омадед, масалан, чанд рӯз дар хонаи шиносҳоятон истодед ва баъд ба шаҳри дигар рафтед, ин рӯзҳо мегузаранд. Мисли он, ки бо нақлиёти заминӣ омадед – сарҳадро гузаштед ва ҳисоби рӯзҳо сар шуд (Бахтиёр).

Бахисобгирии муҳоҷиратро бояд то анҷоми мухлаташ дароз кард. Ин хел нест, ки имрӯз мухлаташ ба охир расиду ту рӯзи дигар барои дароз кардани мухлаташ равӣ. Агар бо патент кор кунӣ сабти муҳоҷиратро ба мухлати амали патент дароз кардан лозим аст. Ба мухлатҳо аҳамият диҳед! Маҳз аз сабаби гузаштани мухлатҳо одамон ғайрирасмӣ дониста мешаванд ва мушкилоти онҳо оғоз меёбанд (Юлдуз).

Бисёриҳо намедонанд: регистратсия дар як ҷо, аммо дар ҷои дигар истиқомат мекунӣ. Ин ҳуқуқвайронкунӣ аст. Агар ба даст афтӣ, депорт мекунанд (Зоир).

Сабти муҳоҷиратро то анҷом ёфтани мухлати он дароз кунед, масалан, як ҳафта пештар. Умуман ҳеҷ гоҳ нисбати ҳуҷҷатҳо беэътино набошед, то охирин рӯз кашолкорӣ накунед (Гулнора).

Албатта на ҳамеша дар ҷайб пул мавҷуд аст барои пешпардохти патент. Аммо ҳар моҳ низ пардохт кардан зарур намешавад, агар Шумо патентро ба мухлати се моҳ пешпардохт кунед, се моҳ хотирҷамъ мешавед, агар солона пардохт кардед, тамоми сол ором мегардед (Раҳматулло).

RU

# КОММЕНТАРИЙ ЭКСПЕРТА

Приехав в Россию, вам нужно встать на миграционный учет по месту пребывания. Для разных категорий мигрантов установлен разный срок постановки на миграционный учет. Для граждан Евразийского экономического союза (Казахстан, Армения, Киргизия, Белоруссия) он составляет 30 дней. Для граждан Таджикистана – 15 дней Для всех остальных стран – 7 дней. Срок отсчитывается от момента пересечения российской границы.

Постановку иностранного гражданина на миграционный учет осуществляет принимающая сторона:

• гражданин РФ, постоянно зарегистрированный в регионе вашего пребывания;

• иностранный гражданин, постоянно проживающий на территории РФ (имеющий постоянную регистрацию по месту жительства, вид на жительство);

• иностранный гражданин, в том числе сам мигрант, имеющий в собственности жилое помещение на территории РФ и предоставляющий его для фактического проживания;

• юридическое лицо: организация-работодатель, гостиница. Встать на миграционный учет можно, заполнив специальный бланк-уведомление:

• в территориальных отделениях Управления по вопросам миграции ГУ МВД России;

• в Многофункциональных Центрах предоставления государственных услуг (МФЦ);

• в отделениях ФГУП «Почта России». Вам надо встать на миграционный учет (зареги-стрироваться) по месту фактического пребывания. Местом пребывания обязательно должно быть жилое помещение. Если вы зарегистрированы в одном месте, а живете в другом, это является нарушением, за которое вы можете получить штраф.

Помните, что вы несете ответственность за своевременную постановку на миграционный учет и его регулярное продление. Обращаться за постановкой на миграционный учет необходимо вместе с принимающей стороной. Если вы поселились в общежитии или гостинице, в том числе предоставленной работодателем – по закону вас должны поставить на миграционный учет в течение 1 рабочего дня с момента заезда. Общежитие или организация, на территории которой вы живете, должны следить за вашей регистрацией и продлевать ее по мере необходимости. Если вы меняете место пребывания – необходимо в течение 3 рабочих дней встать на миграционный учет по новому адресу.

При новой постановке на миграционный учет необходимо будет предъявить те же документы, а после

TJ

# ШАРҲИ КОРШИНОС

Ба Россия, ки омадед, Шумо бояд дар ҳисоби муҳоҷирати ҷои омада сабти ном (регистратсия) кунед. Барои категорияҳои гуногуни муҳоҷирон муҳлатҳои гуногуни сабти ном муқаррар карда шудааст. Барои шаҳрвандони ЕАЭС - Иттиҳодияи иқтисодии Авросиё (Қазоқистон, Арманистон, Қирғизистон, Беларус) ин муҳлат 30 рӯз аст. Барои шаҳрвандони Тоҷикистон – 15 рӯз. Барои ҳамаи кишварҳои дигар – 7 рӯз. Муҳлат аз лаҳзаи убури сарҳади Россия сар мешавад.

Сабти номи шаҳрванди хориҷиро дар ҳисоби муҳоҷират ҷониби қабулкунанда анҷом медиҳад:

• шаҳрванди ФР, ки дар минтақаи омадаи Шумо сабти номи доимӣ дорад;

• шаҳрванди хориҷӣ, ки дар ҳудуди ФР истиқомати доимӣ дорад (дар ҷои истиқомат регистратсияи доимӣ, ВНЖ - иҷозати истиқомат дорад);

• шаҳрванди хориҷӣ, аз ҷумла, худи муҳоҷир, ки дар ҳудуди ФР бинои манзили хусусӣ дорад ва онро барои истиқомати воқеъӣ пешниҳод мекунад;

• шахси ҳуқуқӣ: ташкилот-кордиҳанда, меҳмонхона.

Барои сабти ном дар ҳисоби муҳоҷират варақаогоҳномаи махсусро пур кардан лозим аст:

• дар шуъбаҳои ҳудудии Управления по вопросам миграции ГУ МВД России;

• дар Многофункциональных Центрах предоставления государственных услуг (МФЦ);

• дар шуъбаҳои ФГУП «Почта России». Шумо бояд дар ҷои воқеии истиқомат сабти ном (регистратсия) кунед. Ҷои омада бояд ҳатман бинои истиқоматӣ бошад. Агар шумо дар як ҷо сабти ном карда, дар ҷои дигар истиқомат кунед, ин қонуншиканӣ ба ҳисоб меравад, ки ҷарима мешавад.

Дар ёд доред, ки шумо барои сари вақт сабти ном (регистратсия) кардан ва мунтазам дароз намудани муҳлати он масъул мебошед. Барои сабти ном дар ҳисоби муҳоҷират шумо бояд ҳамроҳи ҷониби қабулкунанда ҳозир шавед. Агар шумо дар хобгоҳи умумӣ ё меҳмонхона, аз ҷумла пешниҳодкардаи кордиҳанда ҷойгир шудед, мутобиқи қонун шуморо бояд дар муҳлати 1 рӯзи кории ворид шуданатон ба қайди муҳоҷират гиранд. Хобгоҳ ё ташкилоте, ки шумо дар ҳудуди онҳо истиқомат мекунед, бояд аз пайи регистратсияи шумо бошанд ва ҳангоми зарурат муҳлати онро дароз кунанд. Агар шумо ҷои истиқоматро дигар кунед – зарур аст, ки дар муддати 3 рӯз дар суроғаи нав дар ҳисоби муҳоҷират сабти ном кунед.

Ҳангоми сабти нави муҳоҷират ҳамон ҳуҷҷатҳоро пешниҳод кардан лозим аст, аммо баъди ду моҳи кор дар Россия – инчунин нусхаи шартномаи меҳнатӣ бо

2 месяцев работы в России – также приложить и копию трудового договора с работодателем. Срок миграционного учета может быть продлен на основании патента. В таком случае регистрация продлевается на срок действия патента. Гражданам ЕАЭС регистрация продлевается на срок действия трудового договора. Регистрация детям продлевается на срок регистрации родителей.

Просроченная регистрация является нарушением законодательства, которое влечет за собой штрафы и возможно выдворение.

## ПАТЕНТ



На получение патента дается месяц, и в этот месяц входит получение патента. Нужно иметь это в виду. А еще после получения патента нужно начать работать не позднее, чем через два месяца (Ислом).

Всегда проверяйте документы. Все люди могут ошибаться. Если в патенте увидели ошибку в ваших данных, нужно обратиться в отдел, который выдал этот патент, с собой возьмите все документы к патенту. Они исправят ошибку бесплатно (Умид).

Если у тебя патент в одном регионе, и ты работаешь по нему в одном регионе, а потом в другом регионе решил работать, нужно новый патент покупать для другого региона. У меня так было, что моя организация работает в разных регионах, я сначала в Петербурге работал, а потом в Выборге. (Шерзод).

Обязательно покупайте патент по той специальности, по которой будете работать и в том регионе, в котором будете работать. Например, у вас патент в Ленинградской области, а работаете в Петербурге. Так нельзя. Многие не знают, что Санкт-Петербург и Ленинградская область – это разные регионы (Салохиддин).

Если вы работаете по патенту, и по работе есть командировки в другой регион, то нужно оформлять патент и на тот второй регион. Иначе это будет нарушение (Азиз).

Знайте точно заранее, кем вы будете работать в России. Это очень важно, чтобы патент купить на нужную специальность. Часто бывает, что люди оформляют патент по какой-то специальности, а потом работают совсем по другой. Они думают, если они честно оплачивают патент, то они все законные требования выполнили и могут заниматься чем угодно. Если вы полицейскому на улице показали ваш патент, он, конечно, не знает, где вы работаете. Но если вас



кордиҳанда талаб карда мешавад. Муҳлати баҳисобгирии муҳоҷират дар асоси патент ҳам метавонад дароз карда шавад. Дар ин ҳолат регистратсия мувофиқи муҳлати амали патент дароз карда мешавад. Барои шаҳрвандони ЕАЭС сабти ном (регистратсия) ба муҳлати амали шартномаи меҳнатӣ дароз карда мешавад. Сабти ном (регистратсия)-и кӯдакон ба муҳлати регистратсияи волидон дароз карда мешавад.

Сабти ном (регистратсия)-и муҳлаташ гузашта қонунвайронкунӣ ҳисоб мешавад, ки барои он ҷарима мебанданд, эҳтимол аз кишвар хориҷ ҳам кунанд.

## ПАТЕНТ



Барои гирифтани патент як моҳ муҳлат дода мешавад ва дар ин моҳ бояд патент гирифта шавад. Инро дар назар бояд дошт. Инчунин баъди гирифтани патент бояд на дертар аз ду моҳ ба кор сар кард (Ислом).

Ҳамеша ҳуҷҷатҳоро тафтиш кунед. Ҳамаи одамон иштибоҳ карда метавонанд. Агар дар патент оид ба маълумотҳои худ ягон хаторо дидед, ба шуъбае, ки ин патентро додааст, бо пешниҳоди ҳамаи ҳуҷҷатҳои марбут ба патент муроҷиат кунед. Онҳо хаторо бепул ислоҳ мекунанд (Умед).

Агар патенти ту дар як минтақа бошаду дар ҳамон минтақа кор кунӣ, баъд дар минтақаи дигар кор кардан хостӣ, барои ҳамон минтақаи дигар патенти нав харидан даркор аст. Бо ман чунин шуда буд, ки ташкилоти ман дар минтақаҳои гуногун кор мекунад, ман аввал дар Петербург кор мекардам, баъд дар Виборг (Шерзод).

Ҳатман мувофиқи он ихтисосе, ки кор мекунед, патент харед ва дар он минтақае, ки он ҷо кор мекунед. Масалан, патенти шумо дар вилояти Ленинград аст, аммо дар Петербург кор мекунед. Ин тавр мумкин нест. Бисёриҳо намедонанд, ки СанктПетербург ва вилояти Ленинград – инҳо минтақаҳои гуногун мебошанд (Салоҳиддин).

Агар шумо мувофиқи патент кор мекунеду бо сафари корӣ ба минтақаи дигар рафтед, бояд барои он минтақаи дуюм ҳам патент гирифтан зарур аст. Вагарна ин қонунвайронкунӣ мешавад (Азиз).

Пешакӣ бояд аниқ донед, ки дар Россия шумо мушаххасан чӣ кор мекунед. Ин хеле барои харидани патент ба ихтисоси зарурӣ муҳим аст. Ин тавр ҳам мешавад, ки одамон бо як ихтисос патент мехаранду баъд бо ихтисоси дигар кор мекунанд. Онҳо фикр мекунанд, ки чун бовиҷдонона ҳаққи патентро пардохт карданд, онҳо ҳама талаботи қонунро риоя кардаанд ва чӣ коре, ки хоҳанд, мекунанд. Агар шумо дар кӯча патенти худро ба корманди политсия нишон додед, ӯ албатта намедонад,

проверят на рабочем месте, что вы работаете и не по патенту – будет плохо (Латифджон).

## КОММЕНТАРИЙ ЭКСПЕРТА

Патент является документом, который подтверждает ваше право жить и работать в выбранном вами регионе по избранной специальности. Плату по патенту можно вносить ежемесячно, а можно на несколько месяцев (до 12 месяцев) вперед.

Обратите внимание: оформлять патент нужно обязательно по той специальности, по которой вы будете работать. Работа по другой специальности является нарушением. В РФ действует множество недобросовестных посредников (организаций или отдельных граждан), предлагающих платную помощь при оформлении патента. Будьте осторожны, не дайте себя обмануть:

• не прибегайте к помощи «частных лиц» - земляков, бригадиров, посредников, пусть даже знакомых Вам лично: именно они часто оформляют поддельные документы;

• обязательно заключайте договоры на оказание услуг, если Вы обратились за помощью в оформлении документов в посредническую организацию. Внимательно читайте эти договоры – в них обязательно должны быть указаны наименование услуги (содействие в подготовке и подаче документов), цена услуги, ответственность организации за невыполнение своих обязательств, должны быть поставлены печать организации и подпись менеджера;

• не подписывайте акты о получении услуги до получения своих документов на руки. Будьте внимательны – такие акты могут быть вписаны в текст основного договора;

• оплачивая посреднические услуги, обязательно требуйте чеки, подтверждающие получение организацией-посредником Ваших денег. Следите, чтобы сумма в чеках указывалась правильно;

• даже при обращении к посредникам, Вы обязаны ЛИЧНО пройти медицинское освидетельствование, тестирование на знание русского языка, истории и законодательства.При подаче документов Вы должны будете пройти процедуру дактилоскопической регистрации (снятие отпечатков пальцев) и фотографирования. Если посредник этого не требует, он обманывает Вас;

• ни одна организация или частное лицо не имеет права получать за Вас документы. Получить свои документы в отделении по вопросам трудовой миграции УВМ Вашего региона Вы обязаны ЛИЧНО.

В каждом регионе РФ существует свой официальный миграционный центр, в котором можно оформить патент



ки шумо дар куҷо кор мекунед. Аммо агар шуморо дар ҷои кор тафтиш кунанд, ки шумо мувофиқи патент кор намекунед – ҳолатон бад мешавад (Латифҷон).

## ШАРҲИ КОРШИНОС

Патент ҳуҷҷате аст, ки ҳуқуқи шуморо барои истиқомат ва кор дар минтақаи интихобкарда ва бо ихтисоси интихобкардаатон тасдиқ мекунад. Пули патентро ҳармоҳа, ё пешакӣ барои чанд моҳ (то 12 моҳ) пардохтан мумкин аст.

Таваҷҷуҳ кунед: патентро ҳатман бо он ихтисосе, ки кор хоҳед кард, гирифтан лозим аст. Кор бо ихтисоси дигар қонуншиканӣ ҳисоб мешавад. Дар ФР бисёр миёнравони бевиҷдон (ташкилотҳо ё шахсони алоҳида) амал мекунанд, ки ёрии пулакӣ барои гирифтани патент пешниҳод мекунанд. Аз онҳо эҳтиёт кунед, ки фиребатон надиҳанд:

• ба ёрии «шахсони воқеӣ» - ҳамшаҳриён, саркорон, миёнравҳо, ҳатто шахсони бо шумо шинос муҳтоҷ нашавед: маҳз онҳо аксар вақт ҳуҷҷатҳои қалбакӣ тайёр мекунанд;

• ҳатман оид ба расондани хизмат шартнома бандед, агар барои ёрӣ ба ташкилоти миёнрав муроҷиат намудед. Ин шартномаҳоро бодиққат хонед – дар онҳо ҳатман бояд номгӯи хизматрасониҳо (мусоидат ба таҳия ва пешниҳоди ҳуҷҷатҳо), нархи хизматҳо, ҷавобгарии ташкилот барои иҷро накардани ӯҳдадориҳои худ нишон дода шаванд, муҳри ташкилот ва имзои менеҷер бошад;

• то ҳуҷҷатҳои худро ба даст нагиред, санадҳоро дар бораи расондани хизмат имзо накунед. Ҳушёр бошед – ин санадҳоро метавонанд ба матни асосии шартнома ворид кунанд;

• ҳангоми пардохти хизматҳои миёнравон ҳатман чек талаб кунед, ки пулҳои аз Шумо гирифтаи ташкилоти миёнравро тасдиқ кунад. Пайгирӣ кунед, ки маблағ дар чекҳо дуруст нишон дода шавад;

• ҳатто ҳангоми муроҷиат ба миёнравон Шумо ӯҳдадор ҳастед, ки ШАХСАН аз муоинаи тиббӣ, тести донистани забони русӣ, таърих ва қонунгузорӣ гузаред. Ҳангоми пешниҳоди ҳуҷҷатҳо шумо бояд аз қайди дактилоскопӣ (изи ангуштон) гузаред ва сурат гиред. Агар миёнрав инҳоро талаб накунад, Шуморо фиреб медиҳад;

• ягон ташкилот ё шахси воқеӣ ҳуқуқ надорад, ки ба ҷои Шумо ҳуҷҷат гирад. Шумо бояд ҳуҷҷатҳоятонро аз шуъбаи масъалаҳои муҳоҷирати УВМ-и минтақаи худ ШАХСАН гиред.

Дар ҳар минтақаи ФР маркази расмии муҳоҷирати худ амал мекунад, ки дар он патенти кор гирифтан мумкин аст. Аксари марказҳои муҳоҷират аз рӯи принсипи равзанаи ягона амал мекунанд ва ба муҳоҷир ҳамаи хизматҳои заруриро мерасонанд. Арзиши тайёр

на работу. Многие миграционные центры работают по принципу единого окна и предоставляют мигранту все необходимые услуги. Стоимость оформления патентов на работу зависит от региона и сопутствующих услуг и может значительно отличаться. Суммы ежемесячных платежей по патенту на работу различаются в разных регионах РФ, и ежегодно устанавливаются правительством каждого региона – будьте внимательны, следите за изменениями.

Если вы трудились в одном регионе, а после начали работать в другом регионе, вам необходимо оформить новый патент в регионе по месту вашей текущей работы. Наличие действующего патента из другого региона не является законным основанием для работы в новом регионе. Если вы в данный момент не работаете, а других оснований для нахождения в России у вас нет, патент все равно необходимо продлевать. В течение 2 месяцев после получения патента Вы должны отправить в отдел по вопросам трудовой миграции УВМ ГУ МВД РФ в Вашем регионе копию трудового договора с работодателем. Это можно сделать заказным письмом с уведомлением о вручении либо представить договор лично в отделении УВМ ГУ МВД РФ.

Бережно храните свой патент и чеки об оплате, не допуская утери этих важных документов. Желательно сделайте ксерокопии. Если вы все-таки потеряли патент, то его можно восстановить по месту его оформления, обратившись в течение 3 дней. Если вы потеряли чеки об оплате, их можно восстановить, обратившись в банк, в котором вы производили оплату.

## ОФОРМЛЕНИЕ ДОКУМЕНТОВ

Всегда делайте все сами, разбирайтесь во всем, не обращайтесь к посредникам. Патент надо обязательно покупать по той специальности, по которой будешь работать. Поэтому сначала точно решите, узнайте, где и кем сможете работать. А то человек может купить патент, а потом пойти работать кем-то другим, неофициально, без договора. Если будет проверка, то это большое нарушение (Фатима).

Хочу сказать такую вещь. Когда вы приезжаете в Россию, у вас тут же появляются знакомые, которые начинают говорить, вот у меня есть знакомый, сейчас дам контакт, он тебе все документы сделает. Это будет быстрее и дешевле, не надо ездить, в очереди стоять. Многие на это покупаются. Потом их останавливает полиция, проверяет. И что их ждет в конце? Правильно – депорт! А они жалуются, у меня же все документы были, почему у Фархода все в порядке, а у меня проблемы. Значит, тут два



кардани патенти кор аз минтақа ва хизматҳои ҳамроҳ вобаста аст ва хеле аз ҳам фарқ мекунад. Маблағи ҳармоҳаи пардохтҳои патент дар минтақаҳои гуногуни ФР фарқ мекунад ва ҳар сол аз ҷониби ҳукумати ҳар минтақа муқаррар карда мешавад – бодиққат бошед, тағйиротро пайгирӣ кунед.

Агар Шумо дар як минтақа кор кардед ва баъд ба минтақаи дигар рафта, ба кор сар кардед, шумо бояд патенти нав дар минтақаи кори наватон гиред. Доштани патенти амалкунанда аз минтақаи дигар асоси қонунӣ барои кор дар минтақаи нав шуда наметавонад. Агар айни ҳол кор намекунед ва дигар асоси истиқомат карданатон дар Россия мавҷуд нест, ба ҳар ҳол мӯҳлати амали патентро дароз кардан лозим аст. Дар муддати 2 моҳи баъди гирифтани патент Шумо бояд ба отдел по вопросам трудовой миграции УВМ ГУ МВД РФ дар минтақаи худ нусхаи шартномаи меҳнатии худро бо кордиҳанда фиристонед. Ин корро бо мактуби фармоишии огоҳонӣ аз қабул ё шахсан пешниҳод кардан ба отделении УВМ ГУ МВД РФ анҷом додан мумкин аст.

Патент ва чекҳои пардохти худро эҳтиёт кунед, нагузоред, ки ин ҳуҷҷатҳои муҳим гум шаванд. Беҳтар аст, ки онҳоро нусхабардорӣ кунед. Агар раваду патентро гум кунед, онро ба ҷои гирифтаатон муроҷиат карда, дар муддати 3 рӯз гирифта метавонед. Агар шумо чекҳои пардохтро гум кардед, ба бонке, ки дар он пардохт намуда будед, муроҷиат карда, онҳоро барқарор кардан метавонед.

## ТАЙЁР КАРДАНИ ҲУҶҶАТҲО

Ҳамеша ҳама корро худатон кунед, ба ҳама чӣ сарфаҳм равед, ба миёнравон муроҷиат накунед. Патентро танҳо барои он ихтисосе гиред, ки аз рӯи он кор мекунед. Бинобар ин аз аввал аниқ донед ва ба қароре оед, ки дар куҷо ва бо кадом ихтисос кор мекунед. Вагарна шахс мумкин патент харад, бо ихтисоси дигар ғайрирасмӣ, бе шартнома кор кунад. Агар тафтиш шавад, ин қонуншикании калон ба ҳисоб меравад (Фотима).

Як чизро гуфтан мехоҳам. Вақте шумо ба Россия меоед, ҳамон лаҳза шиносоне пайдо мешаванд, ки мегӯянд: ана, ман шиносе дорам, ки ҳозир суроғаашро медиҳам, ӯ ҳамаи ҳуҷҷатҳоятро тахт мекунад. Ин корро зудтару арзонтар анҷом медиҳад, ба ҳеҷ ҷо рафтан, дар навбатҳо истодан зарур намешавад. Бисёриҳо ба ин доми фиреб меафтанд. Баъд онҳоро политсия дастгир мекунад, тафтиш мекунад. Ва дар охир онҳоро чӣ интизор аст? Дуруст – ронда шудан (депорт)! Баъд онҳо шиква мекунанд, ки ман ҳамаи ҳуҷҷатҳоро доштам, барои чӣ ҳама кори Фарҳод тахт

варианта, или Фарходу везло с проверками или у него официально сделаны все документы (Бахтиер).

Знаю таких земляков, которые работают нелегально. Часто это из-за незнания, они приехали, на вокзале им лапшу навешал кто-то, что все документы сделает недорого. Они попали в этот порочный круг нелегальности, и не могут выбраться из него. А некоторые работают нелегально, потому что думают, что они экономят. Значит, посчитали, если не буду платить за патент, я эти деньги сэкономлю. Это неправда. В большом выигрыше не останешься. Хорошие работодатели сейчас не хотят нелегальных работников. То есть придется работать у каких-то не очень порядочных людей, которые в любой момент могут обмануть. Или на очень тяжелой работе и в очень плохих условиях. А работодатели еще могут угрожать, что вызовут полицию и сдадут. И ты полностью будешь зависеть от этих людей (Шухрат).

Берегите ваши документы, чтобы не потерять. Если потеряли регистрацию, ее можно восстановить. Надо идти в тот отдел по миграции, в котором оформляли миграционный учет. Патент тоже можно восстановить в миграционном центре, надо написать заявление на выдачу дубликата. Если потеряли чеки за патент, а их надо будет предъявить, то надо идти в тот банк, в котором оплачивали. Но лучше ничего не терять (Фатима).

У меня было незаконное выдворение. Через суд получилось добиться, чтобы его отменили. Но в базе я остался в черном списке. Так бывает, что данные не дошли. Пришлось идти в отдел миграционного контроля с решением из суда. Там с черного списка сняли (Отабек).

Делайте все документы сами. Это дешевле, и вас не обманут. Это поначалу кажется сложно и непонятно. А потом разбираешься во всем, и никакие помощники уже не нужны. Главное поймите такую вещь – в России все документы и все данные в электронных базах находятся. И полиции очень легко проверить, настоящий у вас документ или нет. То, что вы купили неофициально, не попадает в эти базы, даже если посредники говорят, что это хоро-шие документы. И обман обнаруживается сразу. Вы очень сильно рискуете, когда у вас такие документы (Дилшод).

## КОММЕНТАРИЙ ЭКСПЕРТА

Оформляйте все документы сами, не прибегайте к услугам посредников. Посредники часто обманывают мигрантов, предоставляя за большие



асту ман ба мушкилот дучор шудам. Яъне, ин ҷо ду вариант аст ё ҳангоми тафтиш кори Фарҳод омад кард, ё ҳамаи ҳуҷҷатҳои ӯ расмию қонунӣ будаанд (Бахтиёр).

Ҳамшаҳриёнамонро медонам, ки ғайрирасмӣ кор мекунанд. Аксар аз сабаби нодонӣ, онҳо ба вокзал омаданду кадоме ваъдаашон дод, ки ҳамаи ҳуҷҷатҳоро бо нархи арзон тахт мекунад. Онҳо ба ин доираи фасоди ғайрирасмӣ афтодаанд, ки акнун аз он баромада наметавонанд. Баъзеи дигар барои он ғайрирасмӣ кор мекунанд, ки мабалағҳоро сарфа кунанд. Яъне, чунин меҳисобанд, ки агар ман барои патент пул надодам, ин пулҳоро сарфа мекунам. Ин дурӯғ аст. Бори кач ба манзил намерасад. Кордиҳандаҳои хуб ҳозир кормандони ғайрирасмиро намехоҳанд. Яъне, дар назди онҳое кор кардан лозим меояд, ки он қадар виҷдони пок надоранд ва ҳар лаҳза фиреб кардан метавонанд. Ё кори бисёр сахт дар шароити хеле вазнин мефармоянд. Болои сӯхта намакоб, кордиҳандагон инчунин метавонанд, ки политсияро даъват карда, шуморо ба дасти он диҳанд. Ва ту комилан аз ин одамон вобаста мешавӣ (Шуҳрат).

Ҳуҷҷатҳои худро эҳтиёт кунед, ки гум нашаванд. Агар регистратсияро гум кардед, онро барқарор кардан мумкин аст. Бояд ба он шуъбаи муҳоҷират рафт, ки шуморо сабти ном кардааст. Патентро ҳам дар маркази муҳоҷират барқарор кардан мумкин аст, танҳо барои гирифтани дубликат ариза навиштан лозим аст. Агар чекҳои пардохти патентро гум кардед ва онҳоро пешниҳод намудан зарур шудааст, ба бонке, ки дар он пардохт кардаед, равед. Аммо беҳтар аст, ки чизеро гум накунед (Фотима).

Манро ғайриқонунӣ ронда буданд. Ба воситаи суд онро бекор карда тавонистам. Аммо дар махзан (база)-маълумот номи ман дар рӯйхати сиёҳ боқӣ монда буд. Чунин шудааст, ки маълумоти охирини ман ба махзан нарасидааст. Бо қарори суд ба шуъбаи назорати муҳоҷират рафтам. Дар он ҷо маро аз рӯйхати сиёҳ берун карданд (Отабек).

Ҳамаи ҳуҷҷатҳоятонро худатон тайёр кунед. Ин арзонтар аст ва ҳам шуморо фиреб кардан наметавонанд. Ин дар назари аввал мураккаб ва нофаҳмо аст. Баъд худат ҳамаашро сарфаҳм меравӣ ва дигар ягон ёрдамчӣ даркор намешавад. Муҳим аст, бифаҳмед, ки дар Россия ҳамаи маълумот дар махзанҳои электронӣ нигоҳдорӣ карда мешаванд. Ва политсия метавонад ба осонӣ ҳаққонӣ ё қалбакӣ будани ҳуҷҷатро муайян кунад. Он чизе, ки шумо ғайрирасмӣ харидаед, дар ин махзанҳо нест, ҳатто агар миёнравҳо гӯянд, ки ин ҳуҷҷати хуб аст. Ва фиреб зуд ошкор мешавад. Агар шумо чунин ҳуҷҷатҳо дошта бошед, таваккали хатарнок мекунед (Дилшод).

## ШАРҲИ КОРШИНОС

Ҳамаи ҳуҷҷатҳоро худатон тайёр кунед, аз хизмати миёнравҳо истифода набаред. Аксар вақт миёнравҳо

RU

деньги фальшивые документы. Помните, что в случае обнаружения у вас фальшивых документов, всю ответственность будете нести вы.

Проверить подлинность патента на работу Вы можете на официальном сайте Управления по вопросам миграции ГУ МВД России: https://гувм.мвд.рф в разделе «Сервисы по вопросам миграции» - «Проверка действительности разрешений на работу и патентов на осуществление трудовой деятельности иностранными гражданами и лиц без гражданства». Поддельные документы легко распознаются сотрудниками полиции. Для этого им достаточно проверить их в электронной базе. Поддельные патенты, миграционные карты не занесены в эту базу, даже если посредники уверяли вас в обратном. Кроме того, посредники могут взять деньги за услугу, которая оказывается бесплатно или стоит совсем незначительных денег. В случае утери документов их можно восстановить, как можно быстрее обратившись в то ведомство, которое их выдало.

## ПОИСК РАБОТЫ И ТРУДОУСТРОЙСТВО

Многие думают, если знакомые посоветовали работу, то это обязательно надежный вариант. Если вы работу нашли по знакомству, это не гарантирует, что работодатель хороший. Ваши знакомые могут ошибаться (Мехрибан).

Если вы будете работать водителем, могу предупредить, что ваш опыт в вашей стране может не очень много значить для России. Важнее, чтобы у вас был водительский опыт именно в России. Некоторые организации хотят, чтобы у тебя три года был опыт, а твои 15 лет вождения на родине может никак не влиять (Нуриддин).

Для тех, кто собирается работать водителем. Нужно получить водительские права в России. Если есть действующее водительское удостоверение из своей страны, то после экзамена выдают российские права. Вам нужно сдавать теорию и вождение. Я сам сдавал, сдал со второго раза. Если водительское удостоверение просрочено или потеряно, то в России вам нужно проходить обучение в автошколе и сдавать экзамены. Тем, кто просто будет ездить на автомобиле в частных целях, не рабочих, обменивать права не нужно (Карим).

Оказывается нельзя так: ты работаешь по патенту, например, водителем. И в той же организации тебя просят поработать, например, кладовщиком. Это уже нарушение. Если обнаружится, будет плохо (Бахром).

TJ

муҳоҷиронро фиреб карда, пули калонашонро мегиранду ҳуҷҷатҳои қалбакӣ медиҳанд. Ба ёд доред, ки ҳангоми фош шудани ҳуҷҷатҳои қалбакӣ ҳамаи ҷавобгарӣ ба гардани худатон меафтад.

Ҳаққонӣ будани патенти корро шумо дар ин сайти расмӣ тафтиш карда метавонед Управления по вопросам миграции ГУ МВД России: https://гувм. мвд.рф дар бахши «Сервисы по вопросам миграции» - «Проверка действительности разрешений на работу и патентов на осуществление трудовой деятельности иностранными гражданами и лиц без гражданства». Ҳуҷҷатҳои қалбакиро кормандони полисия ба осонӣ фош карда метавонанд. Барои ин онҳоро дар махзани электронӣ тафтиш мекунанд. Патентҳо, кортҳои муҳоҷирати қалбакӣ дар махзан нестанд, ҳатто агар миёнравҳо шуморо ба дуруст буданашон бовар кунонда бошанд ҳам. Ғайр аз ин миёнравҳо метавонанд барои хизмате пул гиранд, ки он бепул аст ё арзиши камтар дорад. Дар ҳолати гум кардани ҳуҷҷатҳо онҳоро ҳарчӣ зудтар ба идорае, ки онҳоро додааст муроҷиат карда, барқарор намудан мумкин аст.

## ҶУСТУҶӮИ КОР ВА ОҒОЗИ КОР

Бисёриҳо фикр доранд, ки агар шиносҳо кореро маслиҳат доданд, ин варианти беҳтарин хоҳад буд. Агар шумо корро ба воситаи шиносҳо ёфтед, ин кафолати хуб будани кордиҳандаро намедиҳад. Шиносҳои шумо хато карда метавонанд (Меҳрубон).

Агар шумо ҳамчун ронанда кор кунед, метавонам огоҳ кунам, ки таҷрибаи шумо дар кишвари худ он қадар дар Россия аҳамият надорад. Муҳимтар аст, ки таҷрибаи шумо ҳарчӣ бештар маҳз дар Россия бошад. Баъзе ташкилотҳо мехоҳанд, ки ту се сол собиқаи корӣ дошта бошӣ ва он 15 соли собиқаи ронандагият дар ватан ҳеҷ гуна таъсире надорад (Нуриддин).

Барои онҳое, ки мехоҳанд ҳамчун ронанда кор кунанд. Ҳуҷҷати ронандагиро дар Россия бояд гирифт. Агар шаҳодатномаи ронандагии кишвари худро дошта бошед, он гоҳ баъди гирифтани имтиҳон шаҳодатномаи ронандагии Россияро медиҳанд. Шумо бояд аз назария ва малакаи ронандагӣ имтиҳон супоред. Ман аз имтиҳон танҳо дар маротибаи дуюм гузаштам. Агар мӯҳлати шаҳодатномаи ронандагӣ гузашта ё гум шуда бошад, шумо дар Россия аз нав бояд дар мактаби ронандагӣ хонед ва имтиҳон супоред. Ба онҳое, ки бо мошин бо мақсадҳои шахсӣ, на корӣ меоянд иваз кардани шаҳодатнома шарт нест (Карим).

Маълум шуд, ки ин тавр мумкин набудааст: ту бо патент, масалан, ҳамчун ронанда кор мекунӣ. Ва дар ин

Мигранты часто сталкиваются, что работа в разных регионах, работодатель отправляет. У меня РВП, по РВП могут в командировки отправлять в другой регион, но на это есть ограничения по дням (Махмуд).

## КОММЕНТАРИЙ ЭКСПЕРТА

Нелегальная работа в РФ – серьезное правонарушение. Незаконное осуществление трудовой деятельности наказывается штрафом. Важно знать свои права и обязанности и уметь обезопасить себя от ненужных рисков.

Планируя трудоустройство в России, изучите, какие есть востребованные профессии, определитесь заранее, кем вы планируете работать. Вакансии во всех регионах России можно найти на сайте https://trudvsem.ru/. В каждом регионе существует своя собственная официальная база вакансий, доступная онлайн.

Не устраивайтесь на работу через посредников, когда сам работодатель вам неизвестен и неизвестны условия работы. Не спешите трудоустраиваться в первое попавшееся место. Встретьтесь с работодателем, задайте ему вопросы. Не стесняйтесь спрашивать про заработную плату – ее размер, график выплаты. Если есть такая возможность, поговорите с сотрудниками, чтобы иметь лучшее представление о своем будущем месте работы.

Многим мигрантам по работе необходимы водительские права. Если у вас есть действующее национальное водительское удостоверение, вы можете обменять его на российское, сдав экзамены (теорию и вождение). Если у вас водительского удостоверения нет или оно просрочено, необходимо будет пройти обучение в российской автошколе, после чего требуется сдать экзамены.

Для официального трудоустройства в РФ необходимо заключить с работодателем:

- трудовой договор – в случае постоянной долговременной занятости на рабочем месте работодателя;
- договор оказания услуг или договор подряда – в случае временной занятости, подряда на выполнение четко ограниченного объема работ за ограниченное время.

Трудовой мигрант должен официально устроиться на работу в течение 2 месяцев со дня получения патента на работу, а также переслать в отдел по вопросам миграции УВМ ГУ МВД России копию своего трудового договора.



ташкилот аз ту илтимос мекунанд, ки масалан мудири анбор бошӣ. Ин аллакай қонуншиканӣ аст. Агар фош шавад, ҳолат бад мешавад (Баҳром).

Муҳоҷирон вақте кордиҳанда онҳоро ба минтақаҳои гуногун барои кор мефиристад, ба мушкилот дучор мешаванд. Ман РВП дорам, бо РВП метавонанд ба сафарҳои корӣ фиристонанд, аммо дар ин кор ҳам маҳдудиятҳои муҳлатӣ мавҷуд мебошанд (Маҳмуд).

## ШАРҲИ КОРШИНОС

Кори ғайрирасмӣ дар ФР – қонуншикании ҷиддӣ аст. Машғул шудан бо кори ғайрирасмӣ бо ҷарима ҷазо додла мешавад. Донистани ҳуқуқ ва уҳдадориҳои худ, ҳимоя кардани худ аз таваккалҳои нодаркор зарур аст.

Ҳангоми ба нақша гирифтани корҷӯӣ дар Россия омӯзед, ки кадом касбҳо серталабгор мебошанд, пешакӣ муайян кунед, ки шумо ба кадом кор машғул хоҳед шуд. Ҷойҳои холии кор (вакансияҳо)-ро дар ҳамаи минтақаҳои Россия аз ин сайт пайдо кардан мумкин аст: https://trudvsem.ru/. Дар ҳар минтақа махзани расмии худии ҷойҳои холии кор ба шакли онлайн мавҷуд аст.

Ба воситаи миёнравҳо, вақте ки худи кордиҳанда ва шартҳои кор ба шумо маълум нестанд, ба кор дохил нашавед. Саросема нашавед ва ба аввалин ҷойи пайдошуда ба кор надароед. Бо кордиҳанда во хӯред, ба ӯ саволҳо диҳед. Шарм надошта дар бораи музди кор – маблағи он, муҳлати пардохти он пурсед. Агар имкон бошад, бо кормандон суҳбат карда, дар бораи ҷои кори ояндаатон тасаввуроти пурра ҳосил кунед.

Ба бисёр муҳоҷирон барои дохил шудан ба кор шаҳодатномаи ҳуқуқи ронандагӣ даркор аст. Агар шумо шаҳодатномаи ронандагии миллии худро дошта бошед, метавонед бо супурдани имтиҳонҳо (назариявӣ ва малакаи ронандагӣ) онро бо шаҳодатномаи россиягӣ иваз кунед. Агар шумо шаҳодатномаи ронандагӣ надоред, ё муҳлати амали он гузашта бошад, дар мактаби ронандагӣ хондан ва имтиҳон супордан даркор аст.

Барои расман ба кор сар кардан дар ФР бо кордиҳанда ин шартномаҳоро бастан лозим аст:

- шартномаи меҳнатӣ – дар ҳолати кори доимии дарозмуддат дар ҷои кори кордиҳанда;
- шартнома дар бораи хизматрасонӣ, пудрати иҷрои ҳаҷми маҳдуди кор дар вақти маҳдуд.

Муҳоҷири меҳнатӣ бояд дар муддати 2 моҳ аз рӯзи гирифтани патент расман ба кор сар кунад, инчунин ба отдел по вопросам миграции УВМ ГУ МВД России нусхаи шартномаи меҳнатии худро фиристонад.

Меҳнати иҷора (аз тарафи кордиҳанда ба дигар ташкилотҳо равон кардани кормандони худ бе шартномаи меҳнатӣ) дар Россия манъ аст. Танҳо агентиҳои расмии

Заемный труд (направление работодателем своих работников в другие организации без трудового договора) в России запрещен. Только официальные частные агентства занятости, имеют право предоставлять труд своих работников иным организациям или физическим лицам, при этом они обязаны:

• указывать в трудовом договоре с иностранным работником возможность выполнения работ у третьей стороны;

• заключать с работником дополнительное соглашение в тех случаях, когда направляют его на работу у третьей стороны.

Все законно работающие частные агентства занятости внесены в единый реестр Роструда - https://rostrud.gov.ru/opendata/7712345678-chaz Обязательно проверьте, есть ли там ваш официальный работодатель.

Для официального устройства на работу у мигранта должны быть:

• действующий заграничный паспорт с нотариально заверенным переводом на русский язык;

• трудовая книжка (в случае отсутствия у мигранта трудовой книжки ее должен завести работодатель);

• ИНН (идентификационный номер налогоплательщика);

• СНИЛС;

• действующий патент на работу;

• действующий полис добровольного медицинского страхования (ДМС);

• диплом о среднем специальном либо высшем профессиональном образовании – при трудоустройстве на квалифицированные должности.

В РФ действует список из 135 профессий квалифицированных специалистов. Такие специалисты нужны российской экономике и могут рассчитывать на упрощенное получение российского гражданства при наличии более 1 года официального трудового стажа в РФ. В этом списке есть медицинские (фельдшер, медсестра, врач, акушер), педагогические (воспитатель, учитель, преподаватель), инженерные, рабочие (токарь, слесарь, электрик, монтажник, станочник и т.д.), сельскохозяйственные и другие специальности.

Ознакомиться с этим списком можно в интернете - Приказ Министерства труда и социальной защиты Российской Федерации от 25.11.2019 № 734н «Об утверждении перечня профессий (специальностей, должностей) иностранных граждан и лиц без гражданства - квалифицированных специалистов, имеющих право на прием в гражданство Российской Федерации в упрощенном порядке».



хусусии шуғл ҳуқуқи пешниҳоди меҳнати кормандони худро ба дигар ташкилотҳо ва шахсони воқеъӣ доранд, ҳамзамон онҳо уҳдадор мебошанд:

• дар шартномаи меҳнатӣ бо корманди хориҷӣ нишон додани имконияти иҷрои кор дар ҷониби сеюм;

• бо корманд бастани шартномаи иловагӣ дар ҳолатҳое, ки ӯро барои иҷрои кор ба ҷониби сеюм равона мекунанд.

Ҳамаи агентиҳои хусусии шуғл дар феҳристи ягонаи Роструд сабти ном шудаанд - https://rostrud.gov.ru/ opendata/7712345678-chaz Ҳатман тафтиш кунед, ки кордиҳандаи шумо дар ин феҳрист ҳаст ё не.

Барои расман ба кор даромадан муҳоҷир бояд инҳоро дошта бошад:

• шиноснома хориҷии амалкунанда бо тарҷумаи русии аз ҷиҳати нотариалӣ тасдиқшудааш;

• дафтарчаи меҳнатӣ (дар ҳолати надоштани дафтарчаи меҳнатӣ онро бояд кордиҳанда барои муҳоҷир ташкил кунад);

• ИНН (рақами мушаххаси андозсупор);

• СНИЛС;

• патенти амалкунандаи кор;

• полиси амалкунандаи ихтиёрии тиббӣ (ДМС);

• диплом дар бораи таҳсилоти миёнаи махсус ё олии касбӣ – ҳангоми машғул шудан ба вазифаҳои тахассусӣ.

Дар Россия рӯйхати 135 касби мутахассисони баландихтисос амал мекунад. Чунин мутахассисон метавонанд барои гирифтани шаҳрвандӣ бо усули соддашуда дар ҳолати доштани собиқаи беш аз 1-солаи кори расмӣ дар ФР умед банданд. Дар ин рӯйхат ихтисосҳои тиббӣ (фелдшер, хоҳари шафқат, духтур, акушер), педагогӣ (мураббӣ, муаллим, омӯзгор), муҳандисӣ, коргарӣ (челонгар, таъмиргар, баркчӣ, кафшергар, дастгоҳдор ва ғ.), кишоварзӣ ва дигар тахассусҳо ҳастанд.

Бо ин рӯйхат дар интернет шинос шудан мумкин аст - Приказ Министерства труда и социальной защиты Российской Федерации от 25.11.2019 № 734н «Об утверждении перечня профессий (специальностей, должностей) иностранных граждан и лиц без гражданства - квалифицированных специалистов, имеющих право на прием в гражданство Российской Федерации в упрощенном порядке».

# ЗАЩИТА ТРУДОВЫХ ПРАВ

Не соглашайтесь работать без договора. Обязательно читайте договор. Там должны быть прописаны все условия: что вы будете делать, где работать, по какому графику, какая зарплата и так далее. Если вас обманут с зарплатой, без договора трудно доказать, что вы там работали (Жумгалбек).

Часто мигранты сталкиваются с тем, что их штрафуют на работе. Скажут: ты опоздал, по телефону говорил на рабочем месте или план не выполнил. В России по закону нельзя выписывать штрафы. На это можно пожаловаться (Фатима).

Если на работе задерживают зарплату и что-то недосчитывают, это плохой знак! Могут говорить, у нас бухгалтер заболел, начальника нет, подождите еще три дня, разные отговорки придумывают. Вы рискуете, что однажды деньги не выплатят совсем. Бегите с такой работы (Гульнара).

На всякий случай полезно иметь фотографии на рабочем месте, в униформе. Если вам не выплатят зарплату и скажут, что вы там не работали, это поможет доказать (Нурлан).

Есть такие работодатели, которые заставляют работать без выходных. Один раз я так работала в пекарне, мне говорили, у нас пока нет сотрудников на замену, работай или уволим. На самом деле это незаконно. У вас должны быть выходные дни. Хотя многие мигранты сами рады без выходных работать, чтобы денег побольше заработать. И мне кажется, некоторые работодатели привыкли, что если мигрант, то он готов работать без выходных (Зилола).

Сейчас у всех есть смартфоны и интернет, но многие не всегда им пользуются по назначению. Знакомый мне предложил работу, я уже собралась туда идти, мне сказали оформляться. А потом набрала в Яндексе название работодателя и слово «отзывы» и нашла много плохих отзывов, люди оставляли на разных сайтах и форумах, что не платят зарплату, люди поработают и уходят. В общем, я не пошла. Этот способ не всегда помогает, но иногда действительно отзывы можно найти в интернете (Токтаим).

Был у меня такой случай - работодатель забрал паспорт и не отдавал. Потом я узнал, что он по закону не имеет права это делать. Сказал ему, что обращусь в полицию. Паспорт вернули (Рахматулло).

Если вы работаете официально, с трудовым договором, и знаете свои трудовые права, вас никто не обманет. А если даже обманет, то вы всегда сможете себя защитить и вернуть заработанные деньги. Внимательно



# ҲИМОЯИ ҲУҚУҚҲОИ МЕҲНАТӢ

Бе бастани шартнома ба кор розӣ нашавед. Ҳатман шартномаро хонед. Дар он бояд ҳамаи шартҳо навишта шуда бошанд: шумо чӣ кор бояд кунед, дар куҷо бояд кор кунед, бо кадом тартиб, музди меҳнат ва ғайра. Агар оид ба пардохти музди меҳнат шуморо фиреб диҳанд, бе шартнома дар он ҷо кардани шуморо исбот кардан душвор мешавад (Жумгалбек).

Бисёр вақт муҳоҷиронро дар ҷои кор ҷарима мебанданд. Мегӯянд: ту ба кор дер омадӣ, дар ҷои кор бо телефон гап задӣ ё нақшаро иҷро накардӣ. Мувофиқи қонун дар Россия ҷарима бастан дар ҷои кор мумкин нест. Аз болои ин амал шикоят кардан мумкин аст (Фотима).

Агар дар ҷои кор пардохти музди меҳнатро кашол диҳанд ва баъзан кам диҳанд ин аломати бад аст! Метавонанд гӯянд, ки муҳосиб касал шудааст, сардор нест, боз се рӯзи дигар интизор шавед ва садҳо баҳонаи дигар меоранд. Хавфи он аст, ки рӯзе муздро умуман намедиҳанд. Аз чунин корхона зудтар гурезед. (Гулнора).

Ба ҳар ҳол аз ҷои кор бо либоси расмии корӣ акс гиред. Агар ба шумо музди кор надиҳанд ва гӯянд, ки шумо дар он ҷо кор накардаед, ин аксҳо исботи даъво шуд аметавонанд (Нурлан).

Кордиҳандагоне ҳастанд, ки маҷбур мекунанд, бе рӯзи истироҳат кор кунед. Як вақт ман дар корхонаи нон кор мекардам ва ба ман гуфтанд, ки алҳол барои иваз кардани ту корманд надорем, ё кор мекунӣ ё аз кор туро меронем. Аммо ин амал ғайриқонунӣ аст. Шумо бояд рӯзи истироҳат дошта бошед. Ҳарчанд худи муҳоҷирон хурсанд ҳастанд, ки бе истироҳат ҳам бошад, пули калон кор кунанд. Ба фикри ман, кордиҳандагон ҳам одат кардаанд, ки муҳоҷир бе истироҳат ҳам кор мекунад (Зилола).

Ҳозир қариб ҳама смартфон ва интернет доранд, аммо бисёриҳо ин имкониятҳоро мувофиқи мақсад истифода намебаранд. Як шинос ба ман кор пешниҳод кард, ман ҳам рафтам ва гуфтанд, ки ҳуҷҷатҳоямро тайёр кунам. Баъд дар Яндекс номи кордиҳанда ва вокунишҳоро ҷустуҷӯ кардам, бисёр акси садоҳои бадро дар сайтҳо ва анҷуманҳои гуногун ёфтам, ки ин ташкилот музди меҳнатро намедодааст, одамон кор мекунанду дасти холӣ мераванд. Умуман, ман нарафтам. Ин усул на ҳамеша кор медиҳад, аммо баъзан ин гуна вокунишҳоро дар интернет ёфтан ва истифода бурдан мумкин аст (Токтаим).

Боре чунин ҳодиса шуда буд – кордиҳанда шиносномаамро гирифт ва намедод. Баъд ман фаҳмидам, ки ӯ чунин ҳуқуқ надорад. Ба ӯ гуфтам, ки ба политсия муроҷиат мекунам. Шиносномаро дод (Раҳматулло).

читайте, что написано в договоре. Обязательно возьмите себе один договор, у вас он должен быть (Латифджон).

Часто происходит обман, когда ты устраиваешься по документам в одну организацию, а на самом деле работаешь в других. Могут обманывать с деньгами, не выплачивать зарплату или выдавать не всю. Будьте осторожны (Мавзуна).

## КОММЕНТАРИЙ ЭКСПЕРТА

Знание своих трудовых прав позволит вам успешно работать в России, а также защитить свои права в случае их нарушения.

Во-первых, работайте официально. Официально – значит, с трудовым договором, в котором прописаны все условия труда и вознаграждения за него, копия которого хранится у вас на руках.

Во-вторых, ведите учет своего рабочего времени на случай расхождений по этому вопросу с работодателем.

На всякий случай запасайтесь доказательствами своей работы в том месте, в котором вы трудоустроены. Это могут быть фотографии или копии рабочих графиков, пропусков, бейджей сотрудника, ваши фотографии на рабочем месте, в рабочей униформе.

Не допускайте нарушений ваших прав. Нередко бывает, что работодатель начинает с небольших нарушений, таких как незначительные задержки зарплаты, небольшие штрафы. Если работник неграмотен и позволяет такие нарушения, то со временем они могут стать регулярными и значительно большими.

Вашу грамотность и осведомленность в трудовых правах работодатель видит по тому, как вы относитесь к трудовому договору, какие вопросы задаете при трудоустройстве, как реагируете на нарушения ваших прав. Даже уместное упоминание в вашей речи таких слов, как «трудовой кодекс», «прокуратура», «государственная инспекция труда» может произвести впечатление грамотного человека, способного защитить свои права.

Подробнее о защите своих трудовых прав вы можете узнать на портале www.онлайнинспекция.рф. Там же есть возможность направить электронное заявление о нарушении трудовых прав. Знание своих трудовых прав и готовность их защищать – основная гарантия соблюдения работодателем своих обязанностей. Советуем мигранту для защиты трудовых прав:

• обязательно заключать трудовой договор;

• вести дневник работ - отмечать, что вами сделано, когда и в каком размере получена заработная плата;

• иметь на руках выписки, расчетные листки, пропуска, копии журналов учета, табели рабочего



Агар шумо расман, бо шартнома кор кунед ва ҳуқуқҳои меҳнатии худро донед, ҳеҷ кас шуморо фиреб карда наметавонад. Ҳатто фиреб кунад ҳам, шумо худро метавонед ҳимоя кунед ва пулҳои ҳалоли худро баргардонед. Ҳар чизи дар шартномаро навиштаро бодиққат хонед. Ҳатман як нусхаи шартномаро бо худ гиред (Латифҷон).

Ҳангоме ки ту бо ҳуҷҷатҳо дар як ташкилот ба кор медароию амалан дар ташкилоти дигар кор мекунӣ, фиреб меҳӯрӣ. Метавонанд музди корро кам, ё умуман надиҳанд. Эҳтиёт кунед (Мавзуна).

## ШАРҲИ КОРШИНОС

Донистани ҳуқуқҳои меҳнатии худ ба шумо имкон медиҳад, ки дар Россия муваффақона кор кунед, инчунин ҳангоми поймолшавӣ ҳуқуқҳои худро ҳимоя карда тавонед.

Якум, расман кор кунед. Расман – яъне бо шартномаи меҳнатӣ, ки дар он ҳамаи шартҳои меҳнат ва подоши он зикр шудаанд ва як нусхааш дар дасти шумо ҳаст.

Дуюм, вақти кории худро қайд кунед, ки ҳангоми нофаҳмиҳо бо кордиҳанда ба кор меояд.

Ба ҳар ҳол далелҳои будани худро дар ҷое, ки кор мекунед, ҷамъоварӣ намоед. Инҳо метавонанд аксҳо ё нусхаҳои ҷадвалҳои корӣ, рухсатномаҳо, бейҷи коргар, расмҳои шумо дар ҷои кор, дар либоси корӣ бошанд.

Ба поймолшавии ҳуқуқҳои худ роҳ надиҳед. Аксар вақт кордиҳанда поймолкунии ҳуқуқи шуморо аз чизҳои хурд сар мекунад, мисли каме кашол додани мӯҳлати пардохти музди меҳнат, ҷаримаҳои ночиз. Агар корманд бесавод бошад ва ба чунин қонуншиканиҳо сабр кунад, бо мурури вақт онҳо мунтазам ва калонтар мешаванд.

Саводнокӣ ва огоҳии шуморо аз ҳуқуқҳои меҳнатӣ кордиҳанда аз рӯи муносибати шумо бо шартномаи меҳнатӣ, ҳангоми ба кор даромадан чӣ саволҳо доданатон, вокунишатон ба поймолшавии ҳуқуқҳоятон пай мебарад. Ҳатто калимаҳои «кодекси меҳнат», «прокуратура», «инспексияи давлатии меҳнат» дар суханронии шумо шуморо ҳамчун одами босаводе, ки ҳуқуқҳои худро ҳимоя карда метавонад, нишон медиҳанд.

Муфассал дар бораи ҳимояи ҳуқуқҳои меҳнатии худ шумо аз ин портал маълумот гирифта метавонед www.онлайнинспекция.рф. Дар он ҷо имкони фиристонидани аризаи электронӣ оид ба поймолшавии ҳуқуқҳои меҳнатӣ мавҷуд аст. Донистани ҳуқуқҳои меҳнатии худ ва омода будан барои ҳимояи онҳо – кафолати асосии иҷро кардани ӯҳдадориҳои худ аз тарафи кордиҳанда мебошад. Барои ҳимояи ҳуқуқҳои худ ба муҳоҷир маслиҳат медиҳем:

• ҳатман шартномаи меҳнатӣ бастан;

• рӯзномаи корӣ ташкил кардан – қайд намудани корҳои иҷрокарда, кай ва чӣ қадар маош гирифтан;

времени, накладные на получение товаров, спецодежды и др. документы, имеющие отношение к работе;

• обязательно запомнить фамилии, имена, контакты товарищей и руководителей по работе, которые могут подтвердить факт трудоустройства и размеры заработной платы;

• при сложных ситуациях и переговорах с работодателем вести аудиозаписи и видеосъемку переговоров, сохранять переписку с представителями работодателя, иметь фотографии с места работы. В случае официального трудоустройства согласно ст. 360.1 заставить работодателя погасить задолженность по заработной плате может Государственная инспекция труда. Для этого нужно подать заявление о невыплате заработной платы с документами, подтверждающими трудовые отношения, в Государственную инспекцию труда (ГИТ) в Вашем регионе.

В случае задержки выплаты зарплаты рекомендуем Вам:

• в случае, если заработную плату задерживают на срок больше 15 дней – Вы имеете право в соответствии с ч.2 ст.142 ТК РФ подать работодателю письменное заявление о приостановке работы в связи с невыплатой заработной платы.

• обратиться к работодателю с письменным заявлением о выдаче копий документов, имеющих отношение к работе в порядке ст. 62 ТК РФ – в том числе расчетных листков.

• если в течение 3 рабочих дней Вы не получите копий документов – напишите заявление на работодателя в Государственную инспекцию труда.

• обратитесь к работодателю с претензией о выплате задолженности по заработной плате. Претензия может быть коллективной. Во время рассмотрения претензии работодатель не имеет права Вас уволить.

При подаче заявлений важно, чтобы у вас на руках оставалась копия заявления с росписью или печатью работодателя о дате получения заявления. Если работодатель не отвечает на претензию – необходимо обратиться с жалобой в прокуратуру либо в суд.

Коллективные обращения и заявления более эффективны, чем обращения одного человека. О массовых нарушениях трудовых прав мигрантов нужно уведомлять органы государственной и местной власти по месту расположения работодателя.

Работодатель также обязан исполнять законодательство в сфере охраны труда – если условия труда на Вашей работе опасны для жизни и здоровья, необходимо приостановить работу и срочно жаловаться в Следственный комитет.



• дар даст нигоҳ доштани иқтибосҳо аз санадҳо, варақаҳои ҳисобӣ, рухсатномаҳо, нусхаи журнали баҳисобгирӣ, табелҳои вақти корӣ, ҳуҷҷатҳои гирифтани бор, либоси махсус ва дигар ҳуҷҷатҳое, ки ба кор дахл доранд;

• ҳатман ба хотир гирифтани насаб, ном, робитаҳои рафиқон ва роҳбарони ҳамкор, ки метавонанд воқеияти кор кардан ва ҳаҷми маошатонро тасдиқ карда метавонанд;

• ҳангоми вазъиятҳои мураккаб дар гуфтушунидҳо бо кордиҳанда сабтҳои аудиоӣ ва видеоӣ бурдан, нигоҳ доштани мукотиба бо намояндагони кордиҳанда, аксҳо аз ҷои кор доштан. Дар ҳолати кори расмӣ доштан мутобиқи м. 360.1 ТК РФ Государственная инспекция труда метавонад кордиҳандаро маҷбур кунад, ки қарзи музди меҳнатро пардохт намояд. Барои ин ариза оид ба напардохтани музди меҳнат бо замимаи ҳуҷҷатҳои тасдиқкунандаи муносибатҳои меҳнатӣ ба Государственнуя инспекция труда (ГИТ) дар минтақаи худ додан даркор аст.

Дар ҳолати кашол ёфтани пардохти музди меҳнат ба Шумо тавсия медиҳем:

• дар ҳолате, ки пардохти музди меҳнатро ба муҳлати зиёда аз 15 рӯз кашол диҳанд – Шумо ҳуқуқ доред мутобиқи қ.2 м.142 ТК РФ ба кордиҳанда дар бораи қатъ кардани кор бо сабаби пардохт нашудани музди меҳнат ариза диҳед;

• ба кордиҳанда барои додани нусхаи ҳуҷҷатҳо, ки ба кор дахл доранд, аз ҷумла варақаҳои ҳисобӣ мутобиқи м. 62 ТК РФ бо аризаи хаттӣ муроҷиат кунед;

• агар дар муддати 3 рӯзи корӣ нусхаҳои ҳуҷҷатҳоро нагирифтед, аз болои кордиҳанда ба Государствення инспекция труда шикоят кунед;

• ба кордиҳанда оид ба пардохти қарзҳои музди меҳнат эътироз кунед. Эътироз дастҷамъӣ ҳам шуда метавонад. Ҳангоми баррасии эътирозҳо кордиҳанда ҳуқуқи аз кор рондани шуморо надорад.

Ҳангоми супурдани ариза муҳим аст, ки дар дасти шумо нусхаи ариза бо имзо ва муҳри кордиҳанда дар бораи санаи қабули он мавҷуд бошад. Агар кордиҳанда ба эътироз ҷавоб надиҳад – бо шикоят ба прокуратура ё суд муроҷиат кардан даркор аст.

Муроҷиатҳои дастҷамъона нисбат ба муроҷиати як шахс самараи бештар меоваранд. Дар бораи қонуншикании оммавии ҳуқуқҳои меҳнатии муҳоҷирон мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва маҳаллиро дар ҷои ҷойгиршавии кордиҳанда хабардор кардан даркор аст.

Инчунин кордиҳанда уҳдадор аст, ки талаботи қонунгузориро дар соҳаи муҳофизати меҳнат иҷро кунад – агар шароити меҳнат дар кори Шумо барои ҳаёт ва саломатӣ хатарнок бошад, корро қатъ кунед ва зуд ба Следственный комитет муроҷиат кунед.

RU

# ВЗАИМОДЕЙСТВИЕ С ПОЛИЦИЕЙ

Есть люди, которые жалуются, нас задержали, деньги вымогали. Я думаю, часто это значит то, что у них какие-то документы неофициальные. Я много лет в Петербурге живу, бывает, меня останавливают полицейские, документы проверят и отпускают. Никаких проблем! (Салохиддин).

Если вы сталкиваетесь с нечестным полицейским, обязательно запишите или запомните номер его жетона, который на груди. Чтобы потом вы могли пожаловаться на его действия. И обязательно надо просить копию протокола у полиции, если есть нарушение (Фарход).

Чтобы не было проблем с полицией, нужно, чтобы все документы были в порядке и все носить с собой. Полиция не имеет права забирать ваш паспорт (Шахноза).

Могу сказать, что то, как часто тебя останавливает полиция, зависит от внешнего вида. Если ты одеваешься посолиднее, бреешься, то не трогают. Старые джинсы, спортивные штаны привлекают внимание. То же самое про черные сумки, рюкзаки, темную одежду можно сказать. Одеваешься как будто неприметнее, а на самом деле в большом городе, как Петербург, это как раз заметно, потому что принято хорошо и аккуратно одеваться (Шерзод).

Всегда заметно человека, который идет со страхом в глазах, его хочется остановить, потому что подозревают сразу, что документы не в порядке. Многие мигранты, даже у которых документы в порядке, автоматически боятся сотрудников полиции. И это большая проблема. Тебя остановили, а ты трясешься, и начнет до тебя докапываться, видя твой страх, говорить какие-то несуществующие требования. Учитесь вести себя спокойно и уверенно с сотрудником полиции (Тахирджон).

Обязательно просите копию протокола у полиции, спрашивайте удостоверения! Надо записывать номер жетона обязательно, многие это не знают. Если вы держитесь неуверенно, плохо говорите по-русски, вам будет сложнее общаться с полицией. Вы должны знать, что у вас есть право на звонок при задержании. Но по человеку видно, если плохо говорит по-русски и боится, хотя вы имеете право позвонить (Фатима).

Когда останавливает полиция и забирает куда-то, надо позвонить кому-то из знакомых, сказать, кто и куда забирает, номер машины, номер жетона. Если с документами всё в порядке, нужно об этом спокойно говорить. Полицейским не нравится, когда с ними начинают громко спорить. За защитой надо обращаться в общественные организации, надо им верить. Многие не верят просто (Шукурджон).

TJ

# МУОШИРАТ БО ПОЛИТСИЯ

Баъзе одамон шикоят мекунанд, ки онҳоро боздошт карда, пулҳояшонро гирифтаанд. Ба фикри ман, баъзе ҳуҷҷатҳои онҳо расмӣ нестанд. Ман чандин сол дар Петербург зиндагӣ мекунам, маро ҳам баъзан кормандони политсия нигоҳ медоранд, ҳуҷҷатҳоро тафтиш мекунанд ва ҷавоб медиҳанд. Ҳеҷ мушкиле нест! (Салоҳиддин).

Агар шумо бо кормандони бевиҷдони полистия дучор шудед, ҳатман рақами жетони сарисинагии онро нависед ё дар ёд доред. Барои он ки баъдан аз амалҳои ӯ шикоят кунед. Ва ҳатман нусхаи протоколи политсияро талаб карда гиред, агар ягон қонуншиканӣ бошад. (Фарҳод).

Барои олн ки бо политсия мушкилот надошта бошед, ҳамаи ҳуҷҷатҳоро тахт кунед ва ҳамаашонро бо худ гиред. Политсия ҳуқуқ надорад, ки шиносномаи шуморо гирад (Шаҳноза).

Метавонам гӯям, ки намуди зоҳирии ту боиси зудзуд аз тарафи политсия нигаҳ доштан мешавад. Агар либосҳои тозаю озода, риши тарошида дошта бошӣ, чаққа намешаванд. Ҷинсҳои кӯҳна, либосҳои варзишӣ диққатро ҷалб мекунанд. Ҳаминро дар мавриди сумкаҳои сиёҳ, борхалтаҳо, либосҳои тираю хира ҳам гуфтан мумкин аст. Гӯё либоси нонамоён мепӯшӣ, аммо дар шаҳре мисли Петербург ин баръакс намоён мешавад, чунки дар ин ҷо хеле тозаю озода либос мепӯшанд (Шерзод).

Ҳамеша одамеро, ки дар чашмонаш биму тарс аст, боздошт кардан мехоҳанд, зеро шубҳа мекунанд, ки ҳуҷҷатҳояш дуруст нестанд. Бисёр муҳоҷирон, ҳатто онҳое, ки ҳуҷҷатҳояшон тахт ҳастанд, ба таври автоматӣ аз кормандони политсия метарсанд. Ва ин мушкили ҷиддист. Туро нигоҳ медоранд ва мисли барги бед меларзӣ. Баъд ба пурсуҷӯи ту сар мекунанд, тарси туро дида талаботи набударо пеш мегузоранд. Оромӣ ва худбовариро дар муносибат бо кормандони политсия омӯзед (Тоҳирҷон).

Ба фикри ман кӯшиш кардан даркор аст, ки бачаҳо дар ин ҷо маълумоти кофӣ гиранд, соҳиби касб шаванд, кори хуб ёбанд, шароиташон аз мо беҳтар бошад. (Мавлуда).

RU

Дети до 18 лет, которые не граждане России, по закону не могут работать. Поэтому если вы берете ребенка, например, 16-17 лет с собой, чтобы он работал, то знайте, что это нелегально будет (Бахор).

Хочу предупредить, что с детьми тут сложно, особенно если вы еще не обустроились в России. Я сначала взял дочь и с женой, а потом через год они вернулись на родину. В садик было не устроить. Времени на детей не хватает. Можно брать детей с собой в Россию, если сами твердо на ноги встали. Если нет, для них это будет мучение и для вас сложности (Далер).

В русских школах детям учиться здесь достаточно сложно. Трудная программа, и она отличается от нашей. Им часто не хватает знания русского языка. Из-за этого и другие предметы трудно изучать. Скорей всего, вашим детям понадобится дополнительно учить русский язык, ходить на курсы или с репетитором заниматься. Если вы планируете в России надолго оставаться или в будущем хотите тут жить, то тогда пусть дети лучше учат русский язык с самого начала. Если вы просто хотите заработать денег, чтобы потом вернуться домой и там жизнь устраивать, тогда, может быть, и не надо детей дергать из одной страны в другую и обратно (Захина).

## КОММЕНТАРИЙ ЭКСПЕРТА

Приезжая в Россию с маленькими детьми, будьте готовы к возможным сложностям с их оформлением в детский сад. В больших городах места в детских садах ограничены. Записывают детей заранее, однако и в этом случае мест хватает не всем.

Что касается школьного образования, то по российским законам оно является обязательным, а следовательно, все дети школьного возраста должны посещать школу. При этом иностранным гражданам младше 18 лет запрещено работать. Вам не могут отказать в приеме в школу. Отказ может быть связан только с отсутствием мест. В таком случае вам порекомендуют другую школу, где такие места есть. Если у вас есть сложности с приемом ребенка в школу, вы можете позвонить в районный отдел образования – РОНО в том районе, в котором вы зарегистрированы.

Школьная программа может существенно отличаться. Если ваш ребенок неуверенно владеет русским языком, это создаст дополнительные сложности для его обучения. В таком случае не противьтесь тому, чтобы ребенка определили в более младший класс, где ему будет проще учиться.

Помните, что ваш ребенок нуждается в поддержке намного больше, чем у себя на родине. Находите время,

TJ

Бачаҳои то 18-сола, ки шаҳрванди Россия нестанд, мувофиқи қонун кор карда наметавонанд. Банобар ин агар шумо бачаҳои масалан, 16-17-соларо ҳамроҳи худ овардед, бояд онҳо кор накунанд, вагарна ин ғайрирасмӣ хоҳад буд (Баҳор).

Огоҳ карданӣ ҳастам, ки дар ин ҷо, махсусан, ки агар худ ҷои кор наёфта бошед, бо бачаҳо будан душвор аст. ман аввал духтару ҳамсарамро оварда будам, аммо баъди як сол онҳо ба ватан баргаштанд. Дар кӯдакистон ҷой ёфт нашуд. Барои тарбияти бачаҳо вақт намерасад. Бачаҳоро ба Россия овардан мумикн аст, ба шарте ки худ мавқеи устувор пайдо карда бошед. Вагарна онҳо ҳам азоб мекашанду шумо ҳам дар ташвиш мемонед (Далер).

Дар мактабҳои русӣ таҳсил кардани фарзандон осон нест. Барномааш вазнин, аз они мо фарқ дорад. Дониши забони русии бачаҳо низ суст. Аз ин сабаб омӯхтани дигар фанҳо ҳам душвор мешавад. Аз ҳама муҳим бачаҳоро иловатан забони русӣ омӯзондан зарур, ба курсҳо рафтан ё репетитор гирифтан даркор аст. Агар шумо дар Россия ба муҳлати дароз истодан ё дар оянда ин ҷо зиндагӣ кардан хоҳед, бигзор бачаҳои шумо аз ҳамин зинаҳои аввал забони русиро нағз азхуд кунанд. Аммо ин ҷо фақат мардикорӣ омада ва баъд ба хона баргаштанӣ бошеду он ҷо монед, он гоҳ шояд шарт набошад, ки бачаҳоро аз ин кишвар ба он кишвар бареду оред (Заҳина).

## ШАРҲИ КОРШИНОС

Чун ба Россия бо бачаҳои хурд омадед, ба душвориҳои эҳтимолӣ барои ба кӯдакистон шомил кардани онҳо омода бошед. Дар шаҳрҳои азим ҷойҳо дар кӯдакистон маҳдуд мебошанд. Бачаҳоро ба кӯдакистон хеле барвақт сабт мекунанд, аммо дар ин ҳолат ҳам ҷой барои ҳама намерасад.

Мувофиқи қонунҳои Россия таҳсил дар мактаб ҳатмӣ аст ва ҳамаи бачаҳои синни мактабӣ бояд дар мактаб таҳсил кунанд. Ҳамзамон ба шаҳрвандони хориҷии аз 18-сола хурд кор кардан манъ аст. Барои қабул ба мактаб шуморо ҷавоби рад дода наметавонанд. Аммо рад кардан танҳо бо сабаби набудани ҷой дар мактаб буда метавонад. Дар ин ҳолат мактаби дигарро тавсия медиҳанд, ки чунин ҷойҳоро дорад. Агар шумо дар қабули фарзанд ба мактаб ба мушкилот дучор шудед, метавонед ба РОНО - шуъбаи маорифи ноҳияе, ки он ҷо регистратсия доред, занг занед.

Барномаи мактабӣ хеле фарқ карданаш мумкин аст. Агар фарзанди шумо забони русиро нағз надонад, ин барои таҳсилаш мушкилоти иловагӣ эҷод мекунад. Дар ин ҳолат агар бачаро ба синфи поёнтар қабул кунанд, муқобил набароед, ки хонданаш дар он синф осонтар мешавад.

Дар ёд доред, фарзанди шумо дар ин ҷо назар ба ватан ба дастгирии бештар ниёз дорад. Вақт ёфта бо ӯ

чтобы с ним пообщаться на темы, которые его волнуют, узнавайте, как у него дела на учебе. Не стесняйтесь пообщаться с классным руководителем и приходить на родительские собрания. Ребенку могут помочь социализироваться различные внеучебные активности. Это может быть кружок или секция, языковые курсы, различные мероприятия для молодежи. Такие активности позволяют быстрее и проще адаптироваться, найти новых друзей и пережить стресс адаптации.

Цель въезда ребенка школьного и дошкольного возраста – «частная», он имеет право пребывать в России не более 90 суток в течение каждого полугодия с даты въезда. Если ребенок посещает детский сад либо школу – срок действия его миграционного учета (регистрации) можно продлить на срок действия регистрации родителя или обоих родителей, трудящихся по патенту на работу, но не более чем на 3 месяца. Для того, чтобы продлить регистрацию ребенка, необходимо обратиться в УВМ ГУ МВД России по месту Вашей регистрации и представить:

- документы об обучении ребенка в школе (справку);
- чеки-квитанции об оплате патента на работу;
- уведомление о постановке на миграционный учет ребенка и родителей – по одному и тому же адресу.

Если ребенок не готов к обучению в российской школе, плохо знает русский язык, с трудом общается с русскими детьми, в некоторых регионах можно обратиться в общественную организацию и получить необходимую поддержку. Волонтеры бесплатно проводят с детьми обучающие занятия, организуют досуг и культурную программу, помогают ребятам освоиться в российском обществе.

## РАЗРЕШЕНИЕ НА ВРЕМЕННОЕ ПРОЖИВАНИЕ (РВП)

Если оформляете РВП, не обращайтесь к посредникам, делайте все сами. Вообще чем реже вы обращаетесь к посредникам, тем больше шансов, что вас не обманут, и вы сохраните свои деньги. А чтобы не обращаться к посредникам, нужно самому читать и разбираться, не бояться спрашивать у людей. Я смогла получить РВП по квоте. Но это трудно, не всем это удается. Квоты выдают очень маленькие, а очереди огромные. Но попробовать можно, вдруг удача улыбнется вам (Роза).

РВП без квоты можно получить по браку с российским гражданином. Это РВП действует в регионе, в котором прописаны ваши муж или жена. Самостоятельно



дар масъалаҳои ба ӯ мароқангез суҳбат кунед, аз рафти хонданаш огоҳ шавед. Аз суҳбату муошират бо роҳбари синф шарм надоред, дар маҷлисҳои волидон иштирок кунед. Фаъолиятҳои гуногуни берунидарсӣ имкон медиҳанд, ки бача ба иҷтимоъ ворид гардад. Инҳо метавонанд маҳфил ё бахш, курси забономӯзӣ, чорабиниҳои гуногун барои ҷавонон бошанд. Чунин фаъолнокӣ метавонанд барои зуд мутобиқшавии ӯ, ёфтани дӯстони нав, паси сар кардани ҳаяҷонимутобиқшавӣ мадад расонанд.

Мақсади вуруди бачаҳои синни мактабӣ ва томактабӣ – “хусусӣ” аст, ӯ ҳуқуқ дорад, ки дар Россия на зиёда аз 90 шабонарӯз дар мӯҳлати ҳар нимсола аз санаи вурудаш истиқомат кунад. Агар бача шомили кӯдакистон ё мактаб бошад – мӯҳлати амали сабти муҳоҷираташро ба мӯҳлати регистратсияи волид ё ҳарду волидонаш, ки бо патент кор мекунанд, аммо на зиёда аз 3 моҳ дароз кардан мумкин аст. Барои дароз кардани мӯҳлати регистратсияи кӯдак ба УВМ ГУ МВД Россия дар ҷойи регистратсияатон муроҷиат ва ин ҳуҷҷатҳоро пешниҳод кунед:

- ҳуҷҷатҳо оид ба таҳсили кӯдак дар мактаб (маълумотнома);
- чекҳо-расидҳо дар бораи пардохти патенти кор;
- огоҳнома дар бораи сабти номи кӯдак ва волидон дар ҳисоби муҳоҷират – дар ҳамон як суроға.

Агар кӯдак ба таҳсил дар мактаби Россия тайёр набошад, забони русиро нағз надонад, бо бачаҳои рус бо душворӣ муошират намояд, дар баъзе минтақаҳо ба ташкилоти ҷамъиятӣ муроҷиат карда, ёрӣ гирифтан мумкин аст. Волонтёрҳо ба бачаҳо машғулиятҳои омӯзишии бепул мегузаронанд, барномаҳои фароғатию фарҳангӣ ташкил мекунанд, ба бачаҳо барои мутобиқ шудан дар ҷамъияти россиягӣ мадад мерасонанд.

## ИҶОЗАТИ ИСТИҚОМАТИ МУВАҚҚАТӢ (РВП)

Агар РВП гирифтанӣ бошед, ба миёнравон муроҷиат накунед, ҳама корро худатон анҷом диҳед. Умуман ҳар қадар, ки ба миёнравон камтар муроҷиат кунед, имкони фиреб нахӯрданатон бештар мешавад ва шумо пулҳоятонро нигоҳ медоред. Барои бо миёнравон корафтода нашудан бояд худатон хонеду донед, натарсида аз дигарон пурсед. Ман бо квота РВП гирифтам. Аммо ин душвор аст, ба ҳар кас муяссар намешавад. Квотаҳо кам, навбатҳо хеле зиёд. Аммо санҷидан мумкин, мебинед, ки бахт ба рӯятон хандидааст (Роза).

РВП-ро бе квота ба воситаи ақди никоҳ бо шаҳрванди Россия гирифтан мумкин аст. Ин РВП дар минтақае амал мекунад, ки шавҳар ё зани шумо он ҷо сабти истиқомат

переезжать в другой регион, чтобы жить и работать там, нельзя. В таком случае могут аннулировать РВП. Но у нас случилась ситуация, что нужно было переезжать в другой регион. Для этого понадобилось обратиться в управление по вопросам миграции, написать заявление о переезде и получить новое РВП в другом регионе (Кирилл).

## КОММЕНТАРИЙ ЭКСПЕРТА

Если вы почасту и подолгу бываете в России, вы, возможно, задумываетесь о том, как остаться здесь на более долгий срок. Такую возможность дает разрешение на временное проживание (РВП).

РВП выдается сроком на три года. РВП позволяет легально проживать и работать в России в течение срока его действия. При наличии РВП не требуется оформление патента. РВП дает право бесплатно пользоваться услугами здравоохранения, для чего требуется получение полиса ОМС.

Помните, что РВП не снимает ответственности за нарушения российского законодательства. Статус может быть утерян в случае нарушения миграционного законодательства, а также за административные правонарушения.

Будьте осторожны – не обращайтесь к посредникам для оформления РВП! Они делают фальшивые печати о выдаче РВП; в случае обнаружения фальшивки Вас могут обвинить в намеренной подделке документов и посадить в тюрьму на срок до 6 месяцев (ч.3 ст.327 УК РФ) – путь получения гражданства РФ для Вас окажется закрыт!

Вы можете подать заявление об оформлении РВП и в электронном виде. Для ознакомления с этой процедурой можно воспользоваться сайтом www.gosuslugi.ru.

Иностранный гражданин, получивший разрешение на временное пребывание в РФ, должен постоянно проживать и работать в том регионе РФ, в котором оформлено РВП, а также регулярно – в течение 2 месяцев со дня истечения очередного года проживания (при наличии документально обоснованных уважительных причин – не позднее 6 месяцев с момента истечения очередного года проживания) – подавать в территориальный отдел Главного управления по вопросам миграции МВД РФ уведомление о подтверждении своего проживания в Российской Федерации и документы, подтверждающие размер и источник дохода, получаемого в РФ.

Полезные контакты: http://migrussia.ru/ - в разделе «Регионы» нашего сайта Вы можете найти регион Вашего проживания в России и узнать, как оформить РВП, выбрав раздел «Оформление РВП» Подробную информацию о порядке подачи заявлений на выдачу РВП и необходимых для



доранд. Мустақилона ба дигар минтақа барои кору зиндагӣ рафтан мумкин нест. Дар ин ҳолат метавонанд РВП-и шуморо бекор кунанд. Чунин ҳолат шуд, ки мо бояд ба дигар минтақа кӯч мебастем. Барои ҳалли ин кор ба раёсати масъалаҳои муҳоҷират рафта, дар бораи кӯчиданамон ариза навиштем ва дар минтақаи дигар РВП-и нав гирифтем (Кирилл).

## ШАРҲИ КОРШИНОС

Агар шумо зуд-зуд ва ба муҳлати зиёд ба Россия оед, шояд дар бораи чӣ тавр ба мҳуҳлати дароз дар ин ҷо истиқомат кардан фикр кунед. Ин имконияро гирифтани иҷозати истиқомати муваққатӣ (РВП) хоҳад дод.

РВП ба муҳлати се сол дода мешавад. РВП имкони ба таври расмӣ дар Россия зиндагӣ ва кор карданро медиҳад. Агар РВП бошад, гирифтани патент талаб карда намешавад. РВП ҳуқуқи истифодаи бепули хизмати тиббиро бо гирифтани полиси ОМС медиҳад.

Ба ёд доред, ки РВП масъулиятро барои вайрон кардани қонунгузории Россия аз гарданатон соқит намекунад. Агар қонунгузории муҳоҷиратро поймол кунед, инчунин барои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ шуморо метавонанд аз ин мақом маҳрум кунанд.

Эҳтиёткор бошед – ба миёнравҳо барои гирифтани РВП муроҷиат накунед! Онҳо муҳрҳои қалбакӣ барои гирифтани РВП тайёр мекунанд ва дар сурати фош шудан Шуморо метавонанд барои дидаю дониста сохтани ҳуҷҷатҳои қалбакӣ ба муддати то 6 моҳ (ч.3 ст.327 УК РФ) ба ҳабс гиранд – роҳи гирифтани шаҳрвандии ФР ба рӯятон баста мешавад!

Шумо метавонед барои гирифтани РВП дар шакли электронӣ ҳам ариза диҳед. Барои шинос шудан бо ин тартибот аз ин сайт истифода бурдан мумкин аст: www.gosuslugi.ru.

Шаҳрванди хориҷӣ, ки иҷозати истиқомати муваққатӣ дар ФР гирифтааст бояд дар ҳамон минтақаи ФР, ки РВП гирифтааст, доимӣ зиндагӣ ва кор кунад ва мунтазам – дар муддати 2 моҳ то ба охир расидани соли навбатии истиқомат (ҳангоми будани сабабҳои асоснoки ҳуҷҷатӣ – на дертар аз 6 моҳ то ба охир расидани соли навбатии истиқомат) – ба территориальный отдел Главного управления по вопросам миграции МВД РФ аз тасдиқи истиқомати худ дар Федератсияи Россия огоҳнома ва ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи миқдор ва манбаъи даромади худро дар ФР пешниҳод кунад.

Робитаҳои муфид: http://migrussia.ru/ - дар бахши «Регионы» шумо минтақаи истиқомати худро дар Россия пайдо кунед ва тарзи гирифтани РВП-ро дар бахши «Оформление РВП» донед. Маълумоти муфассал оид ба тартиби додани ариза барои гирифтани РВП ва ҳуҷҷатҳои барои ин кор зарурро дар ин саҳифа фаҳмидан ва боргирӣ

этого документах, включая образцы заявлений и уведомлений, можно узнать и скачать на странице Главного управления по вопросам миграции МВД России – www.мвд.рф/Deljatelnost/emvd/guvm/выдача-разрешения-на-временное-проживание.

# ГРАЖДАНСТВО РФ

Переселение соотечественников – это, наверное, самый простой и быстрый способ для тех, кто хочет остаться в России и получить гражданство. Узнавайте про нее, может, вы подходите. В этой программе не только русские могут участвовать. Только по этой программе нельзя переехать в такие города, как Москва или Петербург, а многие как раз туда и хотят (Айдан).

Будьте осторожны, потому что ваш статус могут аннулировать, если у вас будут правонарушения. Например, на дороге нарушите два раза правила, если вы таксуете – это нетрудно. Могут поставить запрет на въезд, а потом аннулировать РВП и даже ВНЖ. И если вы оплатили вовремя штраф, не думайте, что все хорошо и проблема решилась. Обязательно соблюдайте все законы и правила, и не получайте штрафов (Амирджон).

Могу несколько советов дать по программе переселения соотечественников. Во-первых, очень советую побывать заранее в том регионе, который вы выбрали. Никакие описания, никакие рассказы не помогут понять и почувствовать, сможете ли вы там работать и жить. Лучше своими глазами все увидеть, поездить, пообщаться с людьми, подышать этим воздухом. Во-вторых, изучите, что там на рынке труда происходит, какие отрасли основные, какие специальности требуются, какие зарплаты. Если вы едете на какое-то рабочее место, это не значит, что всю жизнь там будете работать. В-третьих, если вы не уверены, что проживете в этом регионе три года, которые положены программой, не подавайтесь на подъемные и на компенсации – их придется возвращать, если из региона уедете раньше. В-четвертых, дешевле и удобнее подаваться из-за границы, там же делать РВП и т.д. Но это дольше по времени (Владимир).

## КОММЕНТАРИЙ ЭКСПЕРТА

Стандартный путь получения российского гражданства выглядит следующим образом: получение разрешения на временное проживание – получение вида на жительство – получение гражданства РФ.

В общем порядке решение принимает Президент РФ, в упрощенном – территориальные органы главного управления



кардан мумкин астГлавного управления по вопросам миграции МВД России – www.мвд.рф/Deljatelnost/emvd/guvm/выдача-разрешения-на-временное-проживание.

# ШАҲРВАНДИИ ФР

Муҳоҷирати ҳамватанон – ин, албатта, роҳи аз ҳама осон ва тезтари онҳоест, ки мехоҳанд дар Россия истанд ва шаҳрвандӣ гиранд. Дар бораи ин барнома маълумот гиред, шояд шумо ҳам мувофиқ оед. Дар ин барнома натанҳо русҳо иштирок карда метавонанд. Танҳо бо ин барнома ба шаҳрҳое монанди Москва ё Петербург омадан намешавад, аммо бисёриҳо ҳаминро мехоҳанд. (Айдан).

Эҳтиёт кунед, агар ҳуқуқвайронӣ кунед, мақоми шуморо бекор кардан метавонанд. Масалан, ду бор қоидаи ҳаракати роҳро вайрон кунед, агар таксирон бошед, чунин шуданаш аз эҳтимол дур нест, метавонанд манъи вуруд кунанд, баъд РВП ва ҳатто ВНЖ-ро аз эътибор соқит донанд. Агар ҷаримаро дар вақташ супурдед, фикр накунед, ки мушкилот ҳал шуд. Ҳатман ҳамаи қонуну қоидаҳоро риоя кунед, то ҷарима нашавед. (Амирҷон).

Метавонам оид ба барномаи муҳоҷирати ҳамватанон чанд маслиҳат диҳам. Якум, маслиҳат медиҳам, ки пешакӣ ба минтақаи интихобкардаи худ оед. Ягон чизи хонда ва шунидаатон наметавонанд фаҳмед ва ҳис кунед, ки минбаъд дар ин ҷо кору зиндагӣ кардан метавонед ё не. Беҳтар аст, ки ҳама чиро бо чашми худ бинед, сайр кунед, бо мардум ҳамсуҳбат шавед, аз ҳавои он нафас кашед. Дуюм, омӯзед, ки дар бозори меҳнати он ҷо чӣ мегузарад, кадом соҳаҳо асосӣ мебошанд, кадом ихтисосҳо серталабгоранд, музди меҳнат чанд аст. Агар шумо ба ягон ҷои кор омадаед, маънои онро надорад, ки тамоми умр дар он кор хоҳед кард. Сеюм, агар шумо бовар надоред, ки дар ин минтақа се сол тибқи барнома истиқомат карда метавонед, ба сафархарҷию ҷубронҳо тамаъ накунед, зеро агар пеш аз муҳлат аз минтақа равед, онҳоро баргардондан лозим мешавад. Чорум, дар хориҷа барои РВП ҳуҷҷат тайёр кардану онро гирифтан осонтар аст, аммо вақти зиёдро талаб мекунад. (Владимир).

## ШАРҲИ КОРШИНОС

Роҳи стандартии гирифтани шаҳрвандии Россия чунин аст: гирифтани иҷозати истиқомати муваққатӣ – гирифтани иҷозати истиқомат – гирифтани шаҳрвандии ФР.

Дар тартиби умумӣ қарорро Президенти ФР қабул мекунад, дар тартиби соддакарда – мақомоти ҳудудии главного управления по вопросам миграции МВД РФ

по вопросам миграции МВД РФ по субъектам РФ. Одним из основных условий принятия в гражданство РФ является постоянное (т.е. при наличии вида на жительство) проживание на территории России в течение 5 лет непрерывно. Срок проживания сокращается до 1 года, или это условие снимается вообще для отдельных категорий иностранцев.

Для ряда категорий иностранных граждан предусмотрена упрощенная схема получения российского гражданства. При принятии решения о гражданстве и в общем, и в упрощенном порядке, особое внимание обращают на следующие факторы:

• наличие у заявителя законных источников средств к существованию;

• обращение в полномочный орган иностранного государства с заявлением об отказе от имеющегося у лиц иного гражданства;

• владение русским языком.

Полезные контакты: Если вы хотите переселиться в Российскую Федерацию и получить гражданство Российской Федерации, имеете российское происхождение, вы и члены вашей семьи можете воспользоваться государственной программой по переселению соотечественников.

Участие в государственной программе подразумевает оформление российского гражданства в течение 6 месяцев. Подробнее о государственной программе, регионах РФ, условиях переселения и получения государственной поддержки Вы можете узнать на сайте: www.aiss.gov.ru – Портал «Соотечественники»: сайт государственной программы переселения соотечественников в РФ.

https://pereselenie.com/ сайт БФ «ПСП-фонд», посвященный программе переселения соотечественников во всех регионах РФ. http://migrussia.ru/ - в разделе «Регионы» Вы може-те найти регион Вашего проживания в России и узнать, как получить гражданство РФ, выбрав раздел «Вступление в гражданство», а в разделе «Государственные программы» - узнать подробности о действии программы переселения соотечественников в этом регионе.

## ВЗАИМОДЕЙСТВИЕ С МЕСТНЫМ НАСЕЛЕНИЕМ

Ведите себя так, как в российском обществе принято. Если вы приехали из большого города, то вам в основном все это понятно, а если из аула, то бывает трудно адаптироваться. Например, человек привык у себя там, что он важный и уважаемый в своем ауле, приезжает в большой город и ждет к себе этого отношения от других людей. И он может в конфликте с местными некрасиво и неправильно себя вести. Я такое видел, и считаю, что это неправильно (Дилшод).



дар субъектҳои ФР. Яке аз шартҳои асосии қабул ба шаҳрвандии ФР ба муҳлати 5 сол ба таври доимӣ (яъне, бо доштани иҷозати истиқомат), бе танаффус зиндагӣ кардан аст. Барои баъзе категорияҳои шаҳрвандони хориҷӣ ин муҳлат то як сол кам карда, ё умуман бардошта мешавад.

Барои як қатор категорияҳои шаҳрвандони хориҷӣ нақшаи соддакардаи гирифтани шаҳрвандии Россия мавҷуд аст. Ҳангоми қабули қарор оид ба шаҳрвандӣ бо тартиботи умумӣ ва соддакарда ба омилҳои зерин диққати ҷиддӣ дода мешавад:

• дар аризадиҳанда мавҷуд будани манбаъҳои қонунии маблағҳо барои зиндагӣ;

• муроҷиат ба мақоми салоҳиятдори давлати хориҷӣ бо ариза дар бораи даст кашидан аз шаҳрвандии мавҷуда;

• донистани забони русӣ.

Робитаҳои муфид: Агар шумо ба Федератсияи Россия кӯчида омада ва шаҳрвандии Федератсияи Россияро гирифтан мехоҳед, решаҳои пайдоиши россиягӣ доред, шумо ва аъзои оилаи шумо аз барномаи давлатии муҳоҷирати ҳамватанон истифода бурда метавонед.

Иштирок дар барномаи давлатӣ имкон медиҳад, ки дар муҳлати 6 моҳ шаҳрвандии Россияро гиред. Муфассалан дар бораи барномаи давлатӣ, минтақаҳои ФР, шартҳои муҳоҷират ва гирифтани дастгирии давлатӣ аз ин сайт маълумот гирифта метавонед: www.aiss.gov.ru – Портали «Соотечественники»: сайти барномаи давлатии муҳоҷирати ҳамватанон ба ФР.

https://pereselenie.com/ сайти БФ «ПСП-фонд» бахшида ба барномаи муҳоҷирати ҳамватанон дар ҳамаи минтақаҳои ФР. http://migrussia.ru/ - дар бахши «Регионы» шумо метавонед минтақаи зисти худро дар Россия ёбед ва тарзи гирифтани шаҳрвандии ФР-ро бо интихоби ин бахш донед «Вступление в гражданство», дар бахши «Государственные программы» - тафсилотро оид ба амали бароноимаи давлатии муҳоҷирати ҳамватанон дар ин минтақа фаҳмед.

## ҲАМКОРӢ БО АҲОЛИИ МАҲАЛЛӢ

Тавре, ки дар ҷамъияти Россия қабул шудааст, рафтор кунед. Агар шумо аз шаҳрҳои азим омада бошед, ҳама чиз бароятон фаҳмо аст, агар аз ягон деҳа омада бошед, мутобиқ шуданатон душвор мешавад. Масалан, одам дар деҳаи худ шахси муҳим ва мӯҳтарам буд, ба шаҳри калон омада, аз дигар одамон нисбати худ эҳтиромро интизор мешавад. Ва ӯ метавонад дар муноқиша бо одамони маҳаллӣ худро бад ва нодуруст нишон диҳад. Ман инро дидаам ва нодуруст мешуморам. (Дилшод).

Есть такие наши традиции и обычаи, которые русские люди могут не понимать или они им могут не нравиться. Так же и вам могут не нравиться какие-то русские традиции. Не нужно из этого делать конфликт. Просто разные люди живут по-разному (Нуриддин).

Я нормально общаюсь с местным населением, у меня не возникает с этим проблем. Думаю, это потому, что я учился в русской школе, читал русские книги и смотрел русское кино и передачи, то есть мне была знакома и понятна русская атмосфера, русская культура. Если вы что-то читали про Россию, про русскую культуру, то вам будет проще общаться с местными (Фарух).

Если вам что-то сказали на улице неприятное, не обращайте внимания. Везде есть невоспитанные люди, среди любых национальностей. Главное – сами ведите себя достойно (Латифджон).

С русскими людьми у нас есть общие темы. Это общая страна, в которой мы жили и которую строили – Советский Союз. Это война, в которой мы вместе воевали против фашизма. Нужно почаще об этом вспоминать, об этих общих вещах (Собирджон).

Я парикмахером работаю, к нам бабушки часто приходят стричься, потому что недорого. Я с ними хорошо общаюсь, уже есть такие, которые специально ко мне приходят. Я много узнала от них о жизни в России, а однажды мне клиентка даже помогла жилье найти. Не бойтесь общаться с людьми (Захина).

## КОММЕНТАРИЙ ЭКСПЕРТА

Существование в мире разных культур и традиций не является проблемой. Мир был бы очень скучным, если бы все люди одинаково думали, носили одинаковую одежду, праздновали одинаковые праздники и ели одинаковую еду. Не воспринимайте незнакомые традиции и обычаи враждебно, даже если они вам непонятны. Используйте возможность познакомиться с другими традициями и с другими способами жить. Будьте наблюдательны, обращайте внимание, как принято общаться в тех или иных ситуациях.

Старайтесь общаться с местным населением, не замыкайтесь в узком кругу близких и коллег-мигрантов. Если вы столкнулись с негативным отношением, постарайтесь отнестись к этому спокойно. Негативное отношение, как правило, связано с тем, что местное население не имеет личного общения с мигрантами, а информацию о мигрантах получает из средств массовой информации, где нередко мигрантов представляют в негативном свете.



Мо анъанаю одатҳое дорем, ки русҳо фаҳмидан наметавонанд ё ба онҳо маъқул намешаванд. Ҳамин тавр ба шумо ҳам баъзе анъанаҳои русҳо мумкин маъқул нашаванд. Аз ин мунокиша кардан даркор нест. Одамони гуногун ба тарзҳои гуногун зиндагӣ мекунанд, тамом (Нуриддин).

Ман бо аҳолии маҳаллӣ муносибати хуб дорам, ягон мушкилот сар намезанад. Ба фикрам, ин ба хотири он аст, ки ман дар мактаби русӣ таҳсил кардаам, китобҳои русӣ хондаам, киноҳо ва барномаҳои русиро тамошо кардаам, барои ман муҳити русӣ, фарҳанги русӣ ошно ва фаҳмо аст. Агар дар бораи Россия, фарҳанги рус ягон чӣ хонда бошед, муоширатaтон бо маҳаллиҳо осон хоҳад шуд (Фаррух).

Агар дар кӯча ба шумо ягон гапи бад гӯянд, аҳамият надиҳед. Беадабон дар ҳама ҷо дар байни ҳама миллатҳо ҳастанд. Аз ҳама асосӣ – худатон бояд боодоб бошед. (Латифҷон).

Мову русҳо барои суҳбат мавзӯҳои умумӣ бисёр дорем. Ин давлати умумӣ, ки ҳама дар он зиндагӣ ва ободӣ мекардем – Иттифоқи Шӯравӣ. Ин ҷанге, ки ҳама якҷоя бар зидди фашизм мубориза бурдем. Зарур аст, ки ин чизҳои муштаракро дар суҳбатҳо ёдоварӣ кунем. (Собирҷон).

Ман сартарошӣ мекунам, ба назди мо кампирҳо бештар меоянд, чунки арзонтар аст. Ман бо онҳо муормилаи хуш мекунам, аллакай дар байни онон шахсоне ҳастанд, ки фақат ба назди ман меоянд. Ман дар бораи ҳаёти онҳо дар Россия бисёр чизҳоро медонам, ҳатто як мизоҷам ба ман дар ёфтани манзил ёрдам кард. Аз муошират бо мардум натарсед (Заҳина).

## ШАРҲИ КОРШИНОС

Дар ҷаҳон фарҳангҳо ва анъанаҳои гуногун мавҷуд мебошанд, ки ин табиист. Ҷаҳон беранг мегардид, агар ҳамаи мардум андешаи якхеле медоштанд, либоси якхела мепӯшиданд, ҷашнҳои якхеларо таҷлил мекарданд ва хӯроки якхеларо мехӯрданд. Ба анъанаву одатҳои ношинос, ҳатто барои шумо нофаҳмо бошанд ҳам, душманона муносибат накунед. Имконияти ошно шуданро бо анъанаҳои дигар ва тарзҳом дигари зиндагӣ аз даст надиҳед. Мушоҳидакор бошед, ба он диккат диҳед, ки чӣ тавр дар ин ё он ҳолати мушаххас рафтор кардан даркор аст.

Дар доираи наздикон ва муҳоҷирони монанди худ маҳдуд нашуда, бо аҳолии маҳаллӣ муошират кунед. Агар бо муносибати манфӣ нисбати худ дучор шудед, оромиро аз даст надиҳед. Муносибати манфӣ чун қоида аз он сарчашма мегирад, ки аҳолии маҳаллӣ до муҳоҷирон муошироти шахсӣ надоранд, маълумотро дар бораи муҳоҷирон асосан аз васоити ахбори омма мегиранд, ки муҳоҷиронро аз ҷиҳати манфӣ муаррифӣ мекунанд. Шумо метавонед бо рафтори самимӣ ва некхоҳонаи худ ин тасаввуроти манфиро тағйир диҳед.

Вы можете попытаться разрушить эти представления, стараясь вести себя приветливо и доброжелательно.

Здоровайтесь с соседями, улыбайтесь при встрече, демонстрируйте дружелюбие. Предложите помощь пожилым, помогите женщине с коляской – даже незначительные знаки внимания способны сформировать приятное впечатление о вас. Старайтесь избегать конфликтов с соседями. Даже небольшой конфликт может стать причиной неприятностей, таких, например, как вызов полиции соседями.

Считается невежливым и неприличным есть или громко говорить в транспорте, пить пиво на улице, мусорить. В транспорте и в общественных местах принято уступать место пожилым людям;

Городская культура приветствует уважительное отношение к личному пространству каждого человека. Нарушение личного пространства, например, попытки познакомиться, подойти слишком близко, навязать разговор без согласия другого человека, зайти в дом без приглашения недопустимы и вызывают недовольство окружающих. Нормой является вежливое и ненавязчивое поведение.

Россия – светская страна: демонстрация религиозного поведения или религиозных представлений о морали, одежде, правильном поведении вне храмов, мечетей и религиозных общин и не в дни религиозных праздников выглядит странно и многими не одобряется.

Россия – страна, в которой признано равноправие женщин и мужчин. Оно охраняется законом. Женщины любят красиво одеваться, подчеркивание своей красоты – это демонстрация независимости и самостоятельности, а не готовности к знакомствам. Знакомиться на улице не принято.

Дети в России, как мальчики, так и девочки, обязательно должны получать образование в школе, а затем, при желании, в колледже или университете. Не принято использовать труд детей, нагружать их тяжелой работой по дому и помощью родителям на работе.

Большинство россиян отличаются дружелюбием, готовностью помочь в трудной ситуации, ответить на вопросы. Чтобы быстрее освоиться в России, рекомендуем Вам больше общаться с местным населением, заводить друзей, участвовать в праздниках, посещать кино, музеи, театры, библиотеки, изучать русский язык.

## КУЛЬТУРА И ДОСУГ

Если есть такая возможность, отвлекайтесь иногда от работы. Мы с ребятами ходим в спортзал, в кино, просто в город погулять, на городские праздники ходим. Петербург – очень красивый город, здесь много интересных мест (Олим).



Бо ҳамсояҳо саломуалейк кунед, ҳангоми вохӯрӣ бо табассум дӯстхоҳ будани худро нишон диҳед. Ба пиронсолон ёрӣ пешниҳод намоед, ба зане, ки аробачаи кӯдак дорад, мадад расонед – ҳатто камтарин аломати меҳрубонӣ шуморо дар назари дигарон нек нишон медиҳад. Аз ҷанҷол бо ҳамсояҳо худдорӣ кунед. Ҳатто камтарин ҷанҷол бо онҳо боиси ҷанҷоли калон, масалан, аз ҷониби ҳамсояҳо даъват кардани политсия мегардад.

Дар нақлиёт хӯрдан ё баланд гап задан, дар кӯча пиво нӯшидан, атрофро чиркин кардан ҷоҳилӣ ва беадабӣ ҳисоб карда мешавад. Дар нақлиёт ва дигар ҷойҳои ҷамъиятӣ ба калонсолон ҷой додан нишонаи одоб аст.

Фарҳанги шаҳрӣ муносибати эҳтиромонаро ба фазои шахсии ҳар инсон қабул дорад. Вайрон кардани фазои шахсӣ, масалан, кӯшиши шиносшавӣ, бисёр наздик шудан, бе ризояти шахси дигар ба ӯ гап задан, бе даъват ба хонаи дигаре даромадан мумкин нест ва норозигии атрофиёнро ба амал меоварад. Меъёр муносибати муҳтарамона ва беозор аст.

Россия – давлати дунявӣ аст: намоиши рафторҳои динӣ, ё тасаввуроти динӣ дар бораи ахлоқ, либос, муносибати нодуруст дар берун аз калисову масҷид ва иттиҳодияҳои динӣ ва дар рӯзҳои ғайри идҳои динӣ аҷоиб менамояд ва аз ҷониби аксарият қабул карда намешавад.

Россия – кишваре аст, ки дар он баробарҳуқуқии марду зан эътироф шудааст. Он аз ҷониби қонун ҳифз карда мешавад. Занон либоси зебо пӯшидан ва ҳусни худро нишон додан мехоҳанд - ин аломати мустақилӣ ва озодии онҳост, на барои омода будан ба шиносоӣ. Дар кӯча шинос шудан қабул нест.

Кӯдакон дар Россия, ҳам бачаҳо ва ҳам духтарон ҳатман бояд дар мактаб таҳсил кунанд, баъд бо хоҳиши худ дар коллеҷ ва донишгоҳ таҳсили худро давом диҳанд. Истифодаи меҳнати бачаҳо, ба корҳои вазнин дар хона ва дар ҷои кори волидон маҷбур кардани онҳо мумкин нест.

Аксари россиягиҳо дӯстпарвар ҳастанд, ба дастгирӣ дар лаҳзаҳои душвор тайёр мебошанд, бо дилкушодӣ ба саволҳо ҷавоб мегӯянд. Барои зудтар дар Россия одат кардан ба шумо тавсия медиҳем, ки бо аҳолии маҳаллӣ бештар муошират кунед, дӯстон пайдо намоед, дар ҷашнҳо ширкат варзед, ба кино, осорхона, театр, китобхонаҳо равед, забони русиро омӯзед.

## ФАРҲАНГ ВА ФАРОҒАТ

Агар имконият бошад, баъзан аз кор худро дур гиред. Мо бо бачаҳо ба толори варзиш, ба кино меравем, ё ҳамту ба саёҳати шаҳр мебароем, дар идҳои шаҳрӣ иштирок мекунем. Петербург шаҳри бисёр зебост, дар он ҷойҳои диданӣ бисёранд (Олим).

Я таксистом работаю, и благодаря этому узнал много интересных и красивых мест в Петербурге, спрашивал у людей про разные места. А теперь уже сам могу многое рассказать (Латифджон).

Мы если куда-то ходим, то обычно в свои мигрантские места, чайханы. Думаю, нужно ходить в места, куда русские люди ходят, тоже. Со своими чувствуешь себя комфортно и легко, знаешь, как себя вести и о чем говорить. Но это не всегда хорошо, если ты только в своем кругу общаешься (Захина).

## КОММЕНТАРИЙ ЭКСПЕРТА

По возможности не ограничивайте свою жизнь исключительно работой, домом и общением в тесном кругу родственников и земляков. Участие в культурно-досуговых мероприятиях позволяет лучше адаптироваться к новым условиям, расширяет кругозор и круг общения, способствует снятию стресса, связанного с переездом и интенсивной работой. На таких мероприятиях вы можете не только лучше познакомиться с культурой и традициями народов России, но и приятно провести время.

Полезные контакты: https://www.culture.ru/ - «Культура.РФ» — гуманитарный просветительский проект Министерства культуры России. Портал рассказывает об интересных и значимых событиях и людях в истории литературы, архитектуры, музыки, кино, театра, а также о народных традициях и памятниках нашей природы в формате просветительских статей, заметок, интервью, тестов, новостей и радио.

https://histrf.ru/ - Федеральный портал «История. РФ» информация о фактах и событиях прошлого изложена здесь доступным языком. Обучающе-познавательный формат с аудио- и видеолекциями по истории от известных ученых и преподавателей, первая российская интернет-энциклопедия от профессиональных историков, снимки и анализ «ключевых документов» российской истории и множество других проектов.

https://russia.travel/ - национальный туристический портал Russia.travel — информационно-познавательный проект Федерального агентства по туризму, посвященный путешествиям по России. Сайт знакомит читателя более чем с 20 тысячами достопримечательностей, которые включают в себя объекты историко-культурного наследия, природные памятники и заповедные зоны, традиционные ремесла и известные российские бренды.



Ман таксирон ҳастам ва ба туфайли ин касб бисёр ҷойҳои аҷоиб ва зебои Петербургро дидаам, аз одамон ҷойҳои дигарро пурсидаам. Акнун худам дар бораи ин ҷойҳо ба дигарон бисёр нақл мекунам (Латифҷон).

Мо агар ба ҷое рафтанӣ шавем, маъмулан ба ҷои муҳоҷирони мисли худ, ба ҷойхонаҳо меравем. Ба фикрам, ба ҷойҳое рафтан даркор аст, ки русҳо ҳам мераванд. Бо худиҳо худро бароҳат ва сабук ҳис мекунӣ, медонӣ, ки чӣ рафтор кунӣ ва дар бораи чӣ суҳбат кунӣ. Аммо ин на ҳамеша хуб аст, ки танҳо дар доираи худиҳо муошират кунӣ (Заҳина).

## ШАРҲИ КОРШИНОС

То ҳадди имкон зиндагии худро фақат бо кор, хона ва муошират дар ҳалқаи хешу табор ва ҳамшаҳриён маҳдуд накунед. Иштирок дар чорабиниҳои фарҳангию фароғатӣ имкон медиҳад, ки ба шароити нав беҳтар мутобиқ шавед, ҷаҳонбинӣ ва доираи муошират худро васеъ намоед, ҳаяҷони вобаста ба мушкилоти сафар ва кори зиёдро паст мекунад. Дар чунин чорабиниҳо шумо метавонед на танҳо бо фарҳанг ва анъанаҳои халқҳои Россия шинос шавед, инчунин вақти худро хуш гузаронед. Робитаҳои муфид:

https://www.culture.ru/ - «Культура.РФ» — лоиҳаи гуманитарӣ, маърифатии Вазорати фарҳанги Россия. Портал дар бораи воқеаҳои аҷоиб ва муҳимми таърихи адабиёт, меъморӣ, мусиқӣ, кино, театр, инчунин анъанаҳои халқӣ ва ёдгориҳои табиӣ дар шакли мақолаҳои маърифатӣ, лавҳа, мусоҳиба, тестҳо, навигариҳо ва радио нақл мекунад.

https://histrf.ru/ - Портали федералии «История. РФ» маълумот дар бораи фактҳо ва ҳодисаҳои гузашта бо забони равону фаҳмо баён шудаанд. Шакли омӯзишӣ-маърифатӣ бо суҳбатҳои аудиоию видеоӣ дар бораи таърих аз ҷониби олимону омӯзгорони машҳур, нахустин интернет-энсиклопедияи рус аз муаррихони касбӣ, аксҳо ва таҳлили "санадҳои калидӣ" ва бисёр лоиҳаҳои дигар.

https://russia.travel/ - портали миллии сайёҳии Russia.travel — лоиҳаи иттилоотӣ-маърифатии Агентии федералии сайёҳӣ оид ба саёҳатҳо дар Россия. Сайт хонандагонро бо зиёда аз 20 ҳазор ҷойҳои сайёҳӣ, ки объектҳои мероси таърихӣфарҳангӣ, ҳунарҳои анъанавӣ, ёдгориҳоии табиӣ ва мамнуъгоҳҳо, брендҳои машҳури россиягиро дарбар мегиранд, шинос мекунад.

## ПОДГОТОВКА ТЕКСТА:

БФ «ПСП-фонд»

## АВТОРЫ-СОСТАВИТЕЛИ:

Ефимова О.Б., Якимов А.Н., Гончарова Д.В.
Редактор: Панич Б.Л.

## КОНТАКТЫ:

БФ «ПСП-фонд»
(бесплатная консультационная помощь мигрантам, членам их семей
и работающим с ними специалистам)
Телефон: +7 (812) 337-57-85
Электронная почта: bp@psp-f.org
Сайты: www.psp-f.org, www.migrussia.ru, https://vk.com/pspfond

Публикация подготовлена при поддержке (по заказу)
Департамента внутренней политики
Ямало-Ненецкого автономного округа

ИЗГОТОВЛЕНО В АНО «ЯМАЛ-МЕДИА».
ТЕЛ.: 8 (34922) 3-10-73.
ЗАКАЗ 0881. ТИРАЖ 1000.